# Чӣ бояд кард, то ҳамсарат туро дӯст дорад?

***(Ё панҷоҳу ду тариқае, ки муҳаббати шавҳарро ба ҳамсараш дар партави Қуръони карим ва Суннати Набавӣ зиёд менамояд)***

***Муаллиф:***
Одил Фатҳӣ Абдуллоҳ

**Аз арабӣ тарҷумаи:**
Муҳаммадиқболи Садриддин

Душанбе - 2007

ББК 86.38+87.717.7
О - 29

**БУНЁДИ ҶАМЪИЯТИИ «ВАСАТИЯТ»**

Маркази шӯрои уламои ҷумҳурии Тоҷикистон
таҳти рақами 01 аз 19/04/2007 ба чоп тавсия намуд

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «*Беҳтарини шумо онҳое ҳастанд, ки бо аҳлашон равияи некӯтар доранд ва ман беҳтарини шумо барои аҳлам ҳастам*».

(Ин ҳадисро Тирмизӣ, Ибни Моҷа ва Ибни Ҳиббон ривоят кардаанд).

*Номи китоб:* Чӣ бояд кард, то ҳамсарат туро дӯст дорад?

*Муаллиф:* Одил Фатҳӣ Абдуллоҳ

*Аз арабӣ тарҷумаи:* Муҳаммадиқболи Садриддин

*Муҳаррири масъул:* Файзуллоҳи Аҳё

*Муҳаррири матни тоҷикӣ:* Акбаралии Азиз

*Ҳуруфчин:* Меҳрубонуи Раҳимбек

*Тарроҳ:* Диловари Бобохон

*Ношир:* Нашриёти «Суннатулло»
Супориши № 16
*Теъдод*: 2000 нусха

## Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

## Пешгуфтори мутарҷим

Худованди бузургро сипосгузорем, ки тарҷумаи ин китоб бо дасти ин ҷониб анҷом гирифт. Умедворем, ки Худованди мутаъол бо лутф ва раҳматаш ин китобро мақбули хонандагон созад ва онро василаи ба салоҳ омадани ҳар хонаводаи мусалмон гардонад.

Худованд (ҷ) тавассути паёмбари фиристодаи худ ҳазрати Муҳаммад (с) ҷузъитарин мушкили зиндагиро дар олами башарият боқӣ нагузоштааст. Дар «Саҳеҳ»-и Бухорӣ ҳадисе аз Паёмбари акрам (с) ба ин мазмун ривоят шудааст, ки:

*«Ман баъд аз дунё реҳлат карданам барои шумо ду чизро сармашқи зиндагиатон гузоштам, то вақте ба ин ду чиз чанг мезанед, ҳеҷ гоҳ гумроҳ нахоҳед шуд: яке китоби Худованд, ҷалла ҷалолуҳу, ки Қуръони азимушшаън аст, дуввум суннати ман (яъне аҳодиси Набавӣ)».*

Агар инсон ба атрофаш бингарад, мебинад, ки пойдевори аслии ҷамъиятро занон ташкил медиҳанд ва мақоми зан дар Ислом рафиъу баланд аст ва ҳатто Худованд сурае бо номи занон-«Нисо» нозил кардааст. Зан бунёд ва асоси хонавода аст. Зан агар дуруст шавад, ҷомеъа ислоҳ шуда, ба сӯйи наҷот пеш меравад ва мардони бузург дар домани ҳамин бонувони покдоман парвариш ёфтаанд.

Аллома Иқболи Лоҳурӣ дар яке шеърҳояш ба занони мусулмон хитоб карда мегӯяд:

*Эй ридоят пардаи номуси мо,*
*Тоби ту сармояи фонуси мо.*
*Тинати поки ту моро раҳмат аст.*
*Қуввати дину асоси миллат аст.*
*Кӯдаки мо чун лаб аз шири ту шуст,*
*«Ло илаҳ» омӯхтӣ ӯро нахуст…*

Инсофу адолат чизи бисёр муҳимме дар зиндагии ҳамаи инсонҳо аст. Агар инсонҳо бо ҳамдигар адолатро риоят мекарданд, башарият аз фоҷиъаҳои ҷангҳои вайронгар дар амон мемонданд. Ва агар инсонҳо дар ҳаққи Худо адолатро риоят мекарданд, хешро ва хонаводву амволашонро аз балоҳову офатҳо маҳфуз медоштанд. Зеро агар банда адолати Худовандро эътироф намояд ва Худоро дар ҳамаи он чизҳое, ки амр фармуда аст, итоъат кунад, Худованд ҳам ҳамаи ниёзҳо ва хостаҳои ӯро бароварда мекунад.

**Хонандаи азиз,** он чӣ пеши рӯ доред, матолиби бисёр муҳим ва зарурӣ барои фароҳам сохтани зиндагии хонаводагии босаъодати ҳар мусалмон аст, ки донишманди маъруф Одил Фатҳӣ Абдуллоҳ ҷамъоварӣ намуда, ба риштаи таҳрир кашидааст. Агар ба ин нукот таваҷҷӯҳ карда ва ба онҳо амал намоӣ, иншоаллоҳ, дар дину дунё муваффақ хоҳӣ шуд.

Дар поён аз Худованди мутаъол ихлоси дар амалу гуфторро илтимос менамоем. Моро низ бо дуъо ёд кунед.

***Муҳаммадиқболи Садриддин***

## Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

# Пешгуфтор

Ҳамду сано мар Офаридагори оламро ва дуруду саломи бепоён бар фиристодаи Ӯ ва беҳтарини оламиён Муҳаммад (с) ва бар олу асҳобу тобиъинаш.

Ҳамоно Худованд (ч) неъмати издивоҷ намуданро ба мо арзонӣ дошта онро нишонае (ояте) аз нишонаҳои бузургии худ барои касоне, ки дар офаридаҳои Ӯ (ч) тафаккур мекунанд, гардонид.

Каломи Худованд:

﴿ وَمِنْ ءَايَٰتِهِۦٓ أَنْ خَلَقَ لَكُم مِّنْ أَنفُسِكُمْ أَزْوَٰجًا لِّتَسْكُنُوٓاْ إِلَيْهَا وَجَعَلَ بَيْنَكُم مَّوَدَّةً وَرَحْمَةً ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَٰتٍ لِّقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ ﴿٢١﴾ ﴾ الروم: ٢١

**«Ва аз нишонаҳои қудрати Ӯст, ки бароятон аз ҷинси худатон ҳамсароне офарид, то ба онҳо оромиш ёбед ва миёни шумо дӯстиву меҳрубонӣ ниҳод. Албатта, дар ин ибратҳост барои мардуме, ки меандешанд».[1]**

Худованд (ч) Муҳаммадро (с) ҳамчун Паёмбар ва роҳнамо ва муждадиҳандаву бимдиҳанда ба мо фиристод ва Ӯ (с)-ро намунае дар чанг задан ба одобу ахлоқ ва побанд будан ба манҳаҷи Илоҳӣ барои мо гардонид. Пас Муҳаммад (с) беҳтарин Паёмбар барои умматаш, беҳтарин (роҳбар) сарлашкар барои асокираш (размандагонаш), беҳтарин шаҳвар барои ҳамсаронаш ва беҳтарин падар барои фарзандонаш буд.

Паёмбар (с) шавҳаронро таълим дод, ки чӣ гуна шарики хуб барои ҳамсаронашон бошанд. Ва фармуд:

*«Беҳтарини шумо онҳое ҳастанд, ки бо аҳлашон равияи некӯтар доранд ва ман беҳтарини шумо барои аҳлам ҳастам».*[2] Паёмбар (с) худ намунаи шавҳари некӯ буд. Нисбат ба занонаш

---

[1] Сураи Рум, ояти 21

[2] Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят кардааст (3895).

раҳмдил буд, табиъаташонро медонист ва эҳтиёҷоти онҳоро дар назар мегирифт. Дар рафтори худ хашмину сахтдил ва золиму мустабид набуд, балки раҳмате буд аз ҷониби Худованд (ҷ), соҳиби қалби лабрез аз шафқат. Ба таҳқиқ Паёмбар (с) барои душманонаш раҳмат буд, пас бо дӯстонаш чӣ гуна хоҳад буд?! Ҳаргиз барои задани барда (хидматгор, банда, ғулом) ё зане даст набардоштааст, аз даҳонаш ҳаргиз лафзе, ки зан ё марди мусалмонеро озор диҳад, набаромадааст. Ӯ (с) гуфтори зиштро чун куфр бад медид. Ҳамеша дар хизмати аҳлу оилаи худ буд ва ҳар вақте бонги азонро мешунид, ба сӯи намозгоҳ берун мешуд, гӯё ки онҳоро намешинохт ва онҳо ӯро намешинохтанд. Ҳаргиз дар ҳаққи касе ҷабру зулм накардааст. Ҳуқуқи ҳамсарони хешро ба пуррагӣ адо намуда, намунае аз адл байнашон буд.

Ва чаро байни ҳамсаронаш адолат накунад? Дар ҳоле ки Паёмбар (с) қоил ба ин аст, ки *«Адлкунандагон рӯзи қиёмат дар минбарҳое аз нур дар тарафи рости (ҳар ду дастони Ӯ (ҷ) дасти рост ҳастанд), Раҳмон ҳастанд. Ононе ки дар ҳукм ба аҳлашон ва ба зердастонашон адл мекунанд».*[1]

Ҳарчанд саҳифаҳоро дар бораи сифатҳои Муҳаммад (с), ахлоқи эшон ва муъомилааш бо занони покдоманаш пур намоем, ҳаққи ӯро (с) адо карда наметавонем, зеро маноқиби эшон ва сифатҳои некӯи эшон (с) бисёртар аз шумор ва бузургтар аз адад аст. Барои мо басандааст, ки яке аз азвоҷи мутаҳаррот, Расули акрам (с)-ро мадҳ карда мегӯяд: «*Ахлоқи эшон қуръонӣ буд*». Ин шаҳодати ҳамсарест, ки аз ҳама асрори шавҳари худ огоҳ аст ва аз умуре огоҳ аст, ки дигарон огоҳ нестанд. Аз ҳамин сифатҳои олӣ ва ахлоқи некӯи беҳтарин шавҳар барои ҳамсаронаш намунае чанд хоҳем овард, то шавҳарон чӣ гуна бо ҳамсаронашон муъомила карданро биомӯзанд. Сифатҳое ҳастанд, ки ҳар як шавҳари мусалмон бояд худро бо онҳо зинат диҳад, тавре ки Паёмбар (с) рафтор мекарданд ва роҳҳое ҳастанд, ки шавҳар метавонад бо пайгирӣ намудани он, қалби ҳамсарашро ба даст орад ва назди ӯ маҳбуб гардад. Дар бораи чунин сифатҳои олӣ дар сафҳаҳои оянда бо ёрии Қуръони карим ва ҳадиси Паёмбар (с) сухан хоҳем ронд. Инчунин дар сухани хеш аз фармудаҳои ҳукамо ва донишмандони

---

[1] Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст.

соҳаи оилаву оиладорӣ ва баҳсҳову таҳқиқоти эшон мисолҳо хоҳем овард. Бисёртар мисолҳо зикр нахоҳем кард, лекин онро бо воқеъият дар муъомила муқоиса мекунем ва ҳар шавҳар бидуни таклиф ва машаққати нафсию баданӣ имкон дорад ба пайравии он пардозад. Аз Худованди қодиру тавоно масъалат менамоем, ки ин амали ночизи моро бипазирад ва дуъоҳои ғоибонаи хонандагонро насиби мо гардонад. Аз Худованд (ҷ) хоҳони онам, ки аз манфиъати ин амал ҳамаи шавҳарону ҳамсаронро бархурдор намояд. «**Ва охиру даъвоно анилҳамду лиллоҳи рабби-л-ъоламин**».

*Одил Фатҳӣ Абдуллоҳ*

# 1.

# Барои ҳамсарат худро зинат бидеҳ!

Одатан шавҳар аз занаш талаб мекунад, ки худро барояш зинат диҳад ва ҳамеша дар беҳтарин сурат бошад. Боке надорад, лекин оё худи шавҳар худро барои ҳамсараш зинат медиҳад ва завҷааш ўро ҳамеша дар беҳтарин сурат мебинад?

Оё шавҳар гумон мекунад, ки зинат додан махсуси занҳосту бас ва барои мард боке надорад, ки ғуборолуду жулидамўй ва бадманзар бошад?

Ва оё зан аз шаклу шамоили шавҳараш мутаассир намешавад? Агар инчунин бошад, пас чаро шавҳар қабл аз шаби аввали арўсӣ ва ҳангоми номзад будан худро зинат медиҳаду ва либоси зебо ба бар мекунад, баъд аз он вақте ақди никоҳ мебанданд ва тўй мекунанд, муддате нагузашта нисбати афту андоми худ, сару либоси худ бепарво мегардад? Чӣ боис гардид, ки дигаргун шуд? Беҳтар он аст, ки ба ҳамон шакл боқӣ монад ва нисбати шаклу шамоили худ бепарво набошад.

Ибни Аббос (р) мегўяд: «*Ҳамоно ман барои ҳамсарам худамро зинат медиҳам, тавре ки мехоҳам ў худашро бароям зинат диҳад*».

Зане назди Умар (р) омада, аз шавҳари худ шикоят намуда, аз халифаи мусалмонон талаб намуд, ки ўро талоқ диҳад. Умар (р) мардеро назди шавҳари ў равон карда, назди худ хонд. Шавҳари зан омад ва Умар (р) ўро дид, ки либосҳои даридаву фарсуда ва мўйи жулида дораду ба покии бадану сару либоси худ бепарво аст. Пас Умар (р) асҳоби худро амр намуд, то он мардро бурда сару либосашро дигар кунанд ва ба ў бигўянд, то гармоба равад ва мўйи сарашро ба тартиб дарорад ва ба худ аҳаммият диҳад. Ҳангоме ки мард ин фармудаҳоро иҷро кард, Умар (р) ўро назди ҳамсараш даровард. Ҳине ки назди ҳамсараш ворид шуд, дар лаҳзаи аввал ҳамсараш ўро нашинохт ва аз ў ҳаё намуд. Мард гуфт: ман шавҳари ту ҳастам, оё маро намешиносӣ?!

Чун зан бо диққат назар кард, шавҳарашро шинохт ва хушнуд шуд. Зан дарк намуд, ки амирулмўъминин Умар (р) сабаби ислоҳи шаклу андоми шавҳараш ва ислоҳи ҳоли ҳардуи онҳо шудааст.

Умар (р) дар он ҳангом фармуд: «*Савганд ба Худо (ҷ), ҳамоно занҳо дўст доранд, ки шумо мардҳо барояшон худро зинат диҳед, ҳамчуноне шумо мехоҳед, ки онҳо бароятон худро зинат диҳанд*». Ҳамоно дини мубини Ислом дини покию назофат ва интизом аст, мову шумо мардону занонро ба аҳаммият додан ба покию назофат ва ҳайати зебо амр мекунад.

Паёмбари гиромӣ (с) мефармоянд:

«*Шахсе, ки дорои мўйи дароз бошад, пас бояд онро нигоҳубин намояд*».[1]

Яъне ба покию тозагии он аҳаммият диҳад, онро шона занад. Худи Паёмбар (с) дар чашмаи об нигариста мўяшро шона мезад, яъне чашмаи обро ҳамчун ойина истифода мебурданд.

Паёмбар (с) аз беҳтарин хушбўиҳо истифода мебурд. Ў (с) ба ёрони худ мефармуд, ки ба касе аз онҳо хушбўие пешниҳод карда шавад, набояд онро рад намояд:

«*Шахсе, ки ба ў райҳон пешниҳод карда шавад, набояд онро рад намояд, зеро он бўйи хуш дорад*».[2]

## 2.

## Лутфу меҳрубонӣ ва ҳазл намудан бо зан

Баъзе шавҳарҳо гумон мекунанд, ки вазифаи эшон омода намудани хўроку либос ва монанди инҳо ҳасту бас, яъне ҷониби моддиро дар назар мегиранду ҷониби отифиро дар ҳаёти заношавҳарӣ фаромўш мекунанд. Ҳазлу шўхӣ ва хуш намудани хотири завҷаро аз ёд мебароранд, дар ҳоле ки ин амри басо муҳим дар ҳаёти заношавҳарӣ ба ҳисоб меравад ва аз ҷумлаи умурест, ки аркони дўстию муҳаббатро байни зану шавҳар мустаҳкам мегардонад. Бо вуҷуди ин ки Паёмбар (с) дорои вазифаи бисёр ҳам муҳим буда ва ҳамчун раиси давлати исломӣ дар Мадинаи

[1] Ин ҳадисро Молик ривоят кардааст.
[2] Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст.

мунаввара ва баъдан баъди фатҳ дар Макка масъулияти бениҳоят вазнин ба дӯши эшон (с) буд, лекин ӯ (с) ҳаргиз ҷониби отифиро дар зиндагии заношавҳарӣ фаромӯш намекард. Хусусан дар баробари ҳамсари душиза ва ҷавони худ Оиша (р). Бинобар ин бисёр бо ӯ ҳазлу шӯхӣ мекард. Гоҳо бо ҳам дар давидан мусобақа мекарданд. Як бор Оиша (р) Паёмбар (с)-ро мегузашт, боз баъдан пойга мекарданду Паёмбар (с) ҳамсари худ Оиша (р)-ро пеш мегузашт ва бо ширинзабонӣ мегуфташ, ки *«Ин пешгузаштанам дар ивази он пешгузоштани ту».*[1]

Гоҳо Паёмбар (с) Оишаро иҷоза медод, то бо найзаҳо бозӣ кардани ҳабашиҳоро дар масҷид тамошо карда ҳаловат барад. Уммулмуъминин Оиша (р) худаш ҳикоя карда, мегӯяд, ки «*Қасам ба Худо (ҷ), Паёмбарро (с) назди дари ҳуҷраам дидам, ва ҳол он ки ҳабашиҳо дар масҷид найзабозӣ мекарданд. Расулуллоҳ (с) бо ридояш маро панаҳ кард, то ман аз байни гӯш ва китфаш бозии онҳоро тамошо кардам ва ба хотири ман шуда он ҷо истод, то ин ки ман худ тамошо карданро тарк карда баргаштам»*. Пас шумо ҳам қадри духтари навҷавонро бидонед, зеро ки ҳанӯз синнаш хурд аст ва шавқи бозӣ карданро дорад.[2]

Чӣ гуна Паёмбар (с) ҳаққи ҳамсарашро дар корҳои (бозии) мубоҳ қадр намекунад, дар ҳоле ки мегӯяд: «*Ҳар чизе, ки бани Одам бо он бозӣ мекунад, ботил аст, магар се чиз: тир андохтан аз камонғулак ром кардани асп ва шӯхию бозӣ намудан бо ҳамсар, ҳамоно ин се чиз ҷоиз ҳастанд».*[3]

Паёмбар (с) ба Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ҳине ки аз занаш мепурсид, гуфт: «*Ӯ (бикр) душиза аст ё саиба*?» Дар ҷавоб фармуд: «*саиба*». Паёмбар (с) бо никоҳи душиза ӯро тарғиб намуда, фармуданд: «*Барои чӣ душизаро ба занӣ нагирифтӣ, то бо ҳамдигар шӯхию бозӣ кунед?*»[4]

---

[1] Ин ҳадисро Абудовуд, ибни Ҳаббон ва ибни Моҷа ривоят кардаанд.

[2] Ин ҳадисро Бухорӣ, Муслим ва дигарон ривоят кардаанд.

[3] Ин ҳадисро Тибронӣ ва Насоӣ ривоят кардаанд.

[4] Ин ҳадисро Бухорӣ, Муслим ва дигарон ривоят кардаанд.

Паёмбар (с) духтаронро иҷоза медод то назди Оиша (р) дохил шуда, бо ӯ бозӣ кунанд. Оиша (р) аспе дошт соҳиби ду қанот, ки бо он бозӣ мекард.

## 3.

## Бо занон раҳмдил бошед!

Бидуни шак, ҳамаи мову шумо аз табиъати зан, ки ҳассосияти шадиде бар калом дорад, огоҳ ҳастем. Бо вуҷуди ин, бисёр вақтҳо қалби нозуки ӯро бо суханони дурушт ва сифатҳои зишт маҷрӯҳ месозем. Бисёр мавридҳо шавҳарон занонашонро танқид мекунанд, ки шояд баъзе аз онҳо дуруст бошанд, лекин бешак, тариқае, ки эрод мегиранд, равиши нодуруст мебошад ва дар муъомала бо зан ғайри қобили қабул аст. Ҳамин гуна рафтори нодуруст барои аз байн бурдани саодати зану шавҳар басанда аст. Дурси Декс мегӯяд:

«*Аввалин ҳуҷҷат дар бадбахтии зану шавҳар ин аст, ки бештар аз панҷоҳ дар сад аз занон дар маҳкамаҳои талоқ танҳо ба сабаби танқиди ноҷо талоқ мешаванд. Танқид инсонро дилшикаста ва хору залил месозад*!»[1]

Гоҳо мешавад, ки ҳамсарат дар омода намудани таъоми нисфирӯзӣ дер мекунад ва мешавад, ки шумо аз кор баргаштаед ва хаста ҳам ҳастед, лекин намебинед, ки ӯ низ ба кори хона машғул аст ва хаста мешавад?!

Набояд корҳоро ба сахтию шиддат гирифт, балки бо он бо сабру таҳаммул ва ҳакимона бояд рӯ ба рӯ шуд ва ба зудӣ хоҳӣ дид, ки ҳаётат чӣ гуна зеботар мешавад, пас бояд нисбат ба занон раҳмдил бошед.

## 4.

## Ба ҳамсарат фурсат бидеҳ, то бо ту сухан гӯяд

---

[1] «Чӣ гуна дӯстонро меёбӣ» - Дейл Корнегӣ.

Зан табиъатан гап заданро аз мард бисёртар дӯст медорад ва мо шоҳиди онем, ки духтарчаи хурдсол пеш аз писарчаи ҳамсинни худаш ба гап задан шурӯъ мекунад ва нисбат ба ӯ хубтар гап мезанад. Дар таҳқиқоте, ки миёни донишомӯзони мактабҳо шуда гузашт ва дар натиҷаи он бартарии духтарҳо аз писарҳо дар омӯзиши забон маълум гашт. Забономӯзии духтарҳо аз писарҳои ҳамсинни худ чанд маротиба боло будааст.

Зимни таҳқиқоти дигаре маълум шуд, ки вақти гап задани занҳо дар телефонҳо чанд маротиба аз мудати гап задани мардҳо бисёртар будааст.

Ифот Кристон дар китоби «*Чӣ гуна ҷинси дигарро бифаҳмем?*» сухани Олими забоншинос Рубин Покуфро нақл карда мегӯяд: «*Бисёр вақтҳо зан барои идомаи сӯҳбат савол мекунад, дар ҳоле ки мардҳо саволро ба хотири касби маълумот истифода мебаранд*». Яъне зан мехоҳад гуфтугӯ идома ёбад, гарчанд аз тариқи савол кардан бошад. Ва гоҳо мард аз ин равиш эҳсоси нороҳатӣ мекунад, чун табиъати занро намефаҳмад. Шавҳаре, ки ба ҳамсари худ, дар ҳоле ки ӯ гап зада истодааст, изҳори заҷр мекунад, сабаби нороҳату хиҷил гаштани ӯ мешавад ва ӯ аз сухан гуфтан худдорӣ мекунад ва дар ин ҳолат яке аз рағбатҳои асосиаш мемирад. Пас бо кӣ бояд сухан бигӯяд?!

Бар шавҳар лозим аст, ки собир бошад ва сухани ҳамсарашро қабул карда (шунавида) бо ӯ муомилаи нарм кунад ва табиъати ӯ ва ҳоҷаташро ба сухан гуфтан бипазирад.

Ҳадиси Абизаръро, ки дар «Саҳеҳайн» омадааст, мо медонем. Дар он омадааст, ки уммулмӯъминин Оиша (р) назди Расулуллоҳ (с) нишаста, ҳикояти ёздаҳ занеро намудааст, ки ҷамъ шуда аҳд карданд, ки ҳар яке аз онҳо чизе аз сифатҳои шавҳаронашонро аз ҳамдигар пинҳон накунанд ва ҳар яке аз онҳо нишаста, сифатҳои ҳамсари худро ҳикоя кардааст. Паёмбар (с) нишаста ба Оиша (р) гӯш медод ва ӯ саргузашту суханони он занҳоро ҳикоя мекард. Баъди ба поён расидани суханонаш ҳазл намуда гуфт: «*Ман барои ту мисли Абузаръ барои Уммизаръ ҳастам*». Ин ҳадиси дароз аст, ки зикри он дар ин ҷо имкон надорад. Мақсад аз зикри ин ҳадис гӯш додани Паёмбар (с) ба гуфтори Оиша (р) аст, то ин ки аз суханаш фориғ шавад.

Бо вуҷуди ин ки мардон аз сухани тӯлонӣ зуд малол мешаванд ва агар зане назди шавҳараш нишаста, чунин ҳикояҳо кунад, шояд шавҳар аз ҷояш хеста, ӯро тарк кунад. Аммо Паёмбар (с) чунин накард, зеро ҳоҷати занро ба сухан гуфтан медонист.

Ба таҳқиқ ҳоҷати зан ба сухан гуфтан монанди ҳоҷати ӯ ба таъому нӯшокист. Зан сухан гуфтан дар бораи ашхосро дӯст медорад. Аммо суханро дар бораи сиёсат, иқтисод ва монанди ин мавзӯъҳои иҷтимоӣ намеписандад. Балки вай ҳикоят карданро аз ашхос ва чизҳое мисли фалон мард ва фалон зан ва куртаву либос ва ғайра дӯст медорад.

## 5.

## Бо номҳои нек нидояш кун!

Бешубҳа, ҳар яки мо мехоҳад, ки бо беҳтарин ном нидояш кунанд. Барои шавҳар лоиқ аст, ки номи дӯстдоштае ба ҳамсараш ихтиёр карда, бо он садояш кунад, то қалби ӯро ба даст биёварад. Ҳамчуноне ки Паёмбар (с) ҳамроҳи Оиша (р) мекард. Ӯ (с) ба Оиша (р) меҳрубонона мегуфт: «Эй Оиша». Гоҳо мегуфт: «Эй Ҳумайро».

Оиша (р) мегӯяд: «Паёмбар (с) маро назди худ хонд, дар ҳоле ки ҳабашиҳо дар саҳни масҷид дар рӯзи ид камонбозӣ мекарданд ва ба ман гуфт:

- *Эй Ҳумайро, мехоҳӣ, ки ба сӯи онҳо назар кунӣ?*

Пас гуфтам:

- Бале!

Бо вуҷуди ин, месазад исме, ки шавҳар бо он ҳамсари худро нидо мекунад аз исмҳое бошад, ки ғайр аз ҳардуи онҳо касе аз он хабар надошта бошад. Аммо сухани Паёмбар (с) ба уммулмӯъминин Оиша (р): «Эй Оиша ё эй Ҳумайро» ин аз боби таълими одоби муъошırати зану шавҳар барои мусалмонон аст. Хусусан занони он Ҳазрат (с) модарони мӯъминон ҳастанд ва барои касе издивоҷ намудан бо онҳо баъди Паёмбар (с) ҳалол нест.

## 6.

## Аз ташвишҳои равонӣ ва нафсонӣ барҳазар бош!

Омилҳои нафсонӣ таъсири бузурге дар робитаи зану шавҳар доранд ва шавҳаре, ки барои хурдтарин сабаб ба ғазаб омада асабонӣ мешавад хушиҳои оиладорӣ ва саодати онро аз байн мебарад.

Дини мубини Ислом барои нигоҳдошти саломатии худ ва саломатии дигарон моро таълим додааст, ки чӣ гуна бояд асаби худро идора кунем ва ғазабамонро пушонем ва корҳоро бо ҳикмат анҷом диҳем.

Дар зиндагӣ ҳатман зану шавҳар бо коре ё мушкилие рӯ ба рӯ мешаванд, ки онҳоро асабонӣ мекунад, хусусан шавҳарро. Пас оё шавҳар аз нафси худ дар ҳолати ғазаб пайравӣ кунад ё ғазабашро фурӯ бурда, асаби худро идора кунад?!

Гоҳо шавҳар дар ҳолати ғазаб кореро анҷом медиҳад ва баъд аз он сахт пушаймон мешавад ва пушаймонӣ суде надорад. Шавҳар бояд фармудаи Худовандро, ки сифати парҳезгоронро зикр намуда, онҳоро мадҳ намудааст, ба ёд орад:

Сухани Худо:

﴿ ٱلَّذِينَ يُنفِقُونَ فِي ٱلسَّرَّآءِ وَٱلضَّرَّآءِ وَٱلۡكَٰظِمِينَ ٱلۡغَيۡظَ وَٱلۡعَافِينَ عَنِ ٱلنَّاسِۗ وَٱللَّهُ يُحِبُّ ٱلۡمُحۡسِنِينَ ١٣٤ ﴾ آل عمران: ١٣٤

**«Он касон, ки дар осоиш ва сахтӣ инфоқ мекунанд ва хашми хеш фурӯ мебаранд ва аз хатои мардум дармегузаранд. Худо накӯкоронро дӯст дорад».[1]**

Акнун мову шумо бояд фикр кунем, ки то кадом андоза ғазаби худро фурӯ бурда метавонем ва ҳангоми қудрат доштан дигаронро мебахшем. Шавҳар бояд донад, ки ин сифатҳо бо тадбиру тафаккур

[1] Сураи Оли Имрон, ояти 134

ба даст меояд. Ҳеҷ инсон бо чунин сифат аз модар ба дунё намеояд, лекин бо гузашти вақту замон мешавад, ки сифатеро ба даст оред, ки қаблан дар шумо вуҷуд надошт.

Тавре ки илм бо омӯзиш ба даст меояд, сабру ҳилм ва дигар сифатҳои некӯ низ бо омӯхтан ҳосил мешаванд. Таҳқиқот ва омӯзишҳое, ки мутахассисон дар маҷоли (атроф) издивоҷ ва оила анҷом додаанд, нишон медиҳад, ки зуд асабонӣ шудан дар муҳити оила хатари калон дошта, сабаби вайрон шудани бисёре аз оилаҳо мегардад.

Омӯзиши Терман яке аз таҳқиқоте ба шумор меравад, ки бисёр фарох ва амиқ мебошад. Ӯ дар ин омӯзиш таъсири омилҳои нафсонӣ бар саодати оиладориро ҷуё шуда, ба ҷустуҷӯи ихтилофот байни 300 оилае, ки дараҷаи саодатмандии онҳо олӣ будааст, пардохта баъд аз он ба ҷустуҷӯи 150 ҳолате оғоз кард, ки нишондодҳои онҳо камтар ҳастанд. Ӯ чунин мулоҳизае намуд, ки зану шавҳар дар ҳолати нофаҳмиҳову норасоиҳо дорои чунин сифатҳову амалкардҳо буданд: монанди зуд асабонӣ шудан, танқиди ғайрисозанда, майл ба ҳукмронӣ намудан ва аз байн бурдани низому тартибот. Инчунин муҳаққиқ «Терман» ба чунин хулосае омадааст, ки саодати оиладорӣ ва истиқрору оромиши виҷдон байни ҳам ба дараҷаи хеле калон робита доранд.[1]

## 7.

## Ҳамсарат ҳамроҳи ту эҳсоси амну оромӣ кунад.

Бузургтарин ҳоҷате, ки зан аз шавҳари худ дорад, ин эҳсоси амну оромиш дар ҳоли ҳамроҳ будан бо шавҳараш аст ва ин, ки шавҳараш ҳаргиз аз ӯ ҷудо нашавад. Ҳамоно эҳсоси амну амон ҳамроҳи шавҳараш дар дӯст доштан ва эҳтиром кардани зан шавҳарро муассир аст. Аммо агар зан дар ҳоли ҳамроҳ будан бо шавҳараш эҳсоси хавф ва нобоварӣ кунад, ӯ ба шавҳараш бо шакку шубҳа назар мекунад. Шавҳароне вуҷуд доранд, ки ҳангоми сар

[1] Аз китоби «Оила ва мушкилоти он»-и доктор Маҳмуд Ҳасан.

задани ҳар гуноҳи хурду бузург ҳамсаронашонро таҳдид мекунанд. Шахсоне ҳам ҳастанд, ки калимаи «талоқ»-ро бисёр зикр мекунанд.

Акнун худ биандеш! Чи гуна ҳамсари ту эҳсоси амну оромӣ мекунад, дар ҳоле ки ҳар субҳу шом ӯро ба талоқ додан таҳдид мекунӣ?! Оё гумон мекунӣ, ки бо ин амалат меҳри ӯро нисбат ба худат бедор месозӣ?!

Ҳамоно шумо (агар чунин рафтор кунед) неъмати бузурги робитаи заношавҳариро қадр намекунед. Робитаи заношавҳарӣ амри хурде нест, ки бо андак сабаби ночиз аз он халос шавӣ. Худованд онро аҳди маҳкам номидааст.

Каломи Худованд:

﴿وَأَخَذۡنَ مِنكُم مِّيثَٰقًا غَلِيظٗا ٢١﴾ النساء: ٢١

**«Ва занон аз шумо паймоне устувор гирифтаанд».**[1]

Ва Худованд (ҷ) талоқро аз нафратовартарин ҳалолҳо шуморидааст. Паёмбар (с) мефармоянд: «*Манфуртарин ҳалол назди Худованд талоқ мебошад*».[2]

Шавҳароне, ки ин калимаро (талоқро) бисёр зикр мекунанд ва шитобкорона ҳукм мекунанд, сахт пушаймон мешаванд, хусусан ҳине ки талоқ воқеъ мешавад ва аз он роҳи берун омадан намеёбанд. Шахсе, ки калимаи талоқ ҳамеша дар забонаш ҳаст ва бо хурдтарин сабаб талоқ медиҳад, бисёр ба осонӣ ҳаёташро барбод медиҳад ва пушаймон мешавад, замоне ки пушаймонӣ суд надорад.

Инчунин шавҳароне ҳастанд, ки ҳамсаронашонро таҳдид мекунанд, ки бар болои ӯ издивоҷ мекунад ё ӯро тарк мекунад ё аз ӯ рӯй мегардонад. Ин суханоне ҳастанд, ки шавҳар набояд онро ба забон биёрад. Издивоҷ намудани шавҳар ин аз ҳаққи худи ӯст, аммо ин ки зани аввали худро вогузошта, ҳуқуқашро риъоя накунад, ин ҳаром аст, зеро ӯ аз раъияти шавҳар аст ва шавҳарро аз он зан пурсида мешавад.

Паёмбар (с) мефармояд: «*Ҳар яки шумо нигаҳбон ва масъули зердастони худ ҳастед. Мард нигоҳбони аҳли байти худ аст ва ӯ аз зердастонаш пурсида мешавад*».[1]

---

[1] Сураи Нисо, ояи 21.

[2] Ин ҳадисро Абудовуд ва ибни Моҷа ривоят кардаанд.

Шарти издивоҷ адл аст, на ҷабр намудан бар зани аввал. Агар шавҳар адл накунад, издивоҷи ӯ тавре, ки уламо гуфтаанд, ҳаром аст. Чӣ гуна баъзе аз шавҳарҳо ба зулм намудани ҳамсаронашон ҷуръат мекунанд? Оё ба хотири он ки касе нест, ки аз онҳо дифоъ кунад? Ҳар шавҳаре, ки ба ҳамсари худ зулм мекунад, бояд аз Худованд (ҷ) битарсад ва огоҳ бошад, ки Худованди бузург зулмро бад мебинад ва золимонро дӯст намедорад.

## 8.

## Аз ҳадяҳои хушҳолкунанда истифода бар!

Аз ҳама дӯстдоштатар барои инсон ин аст, ки чизи дӯстдоштаашро ба ӯ ҳадя кунед. Хусусан агар ин ҳадя ногаҳонӣ бошад, яъне бидуни огоҳии қаблии ӯ. Ҳангоме ки ҳамсарат мефаҳмад, ки чизи дӯстдоштаашро ё мехостагиашро ҳозир кардед, ӯ муҳаббати туро нисбат ба худаш дарк мекунад. Ӯ хоҳад донист, ки шумо ӯро фаромӯш накардаед, лекин шояд машғул будаед ва бо вуҷуди он донистед, ки чи ӯро хушҳол мекунад ва барояш ҳозир кардед.

Ин эҳсосе, ки завҷаатон ҳини ҳозир намудани ҳадяи дӯстоштааш дорад, танҳо ва танҳо ба бештар шудани муҳаббат боис мешавад. Ин маънои онро надорад, ки талабҳои ҳамсаратонро иҷро накунед, то ин ки ӯ пофишорӣ кунаду исрор варзад ва баъд аз он ногаҳонӣ онро шумо ҳозир кунед, зеро дар ин сурат ногаҳон мужда додан манфиъат надорад, чунки ӯ аз талаб намудани он чиз хаста шуда буд. Ногаҳон овардани тӯҳфа он вақт асар дорад, ки бе талаб кардани ӯ ҳозир кунед ва дар ҳоле ки шумо эҳсос мекунед, ки ӯ ба ин чиз ҳоҷат дорад ва ин аз шумо ҳаваси хосе талаб мекунад, ки он чизеро, ки ҳамсаратро хушҳол мекунад, дарк кунед. Бешак ин амалро шумо аз дигарон ҳам хубтар анҷом дода метавонед, агар дар ҳақиқат ҳамсаратонро дӯст доред.

---

[1] Муттафақун алайҳи.

# 9.

## Бо табассум ва хушҳолӣ ба ҳавлӣ даромадан.

Тавре ки аз зан талаб мешавад, ки ҳини дохил шудани шавҳараш ба манзил ӯро бо хубӣ истиқбол гирад, ҳамон тавр аз мард низ талаб мешавад, ки аз дар даромада, ҳамсарашро бо табассум ва хушҳолӣ истиқбол кунад. Аввалин калимае ки бо он сухан оғоз мекунад, бояд салом бошад. Салом ин таҳияи Ислом аст. Бо ибораҳои монанди «субҳатон ба хайр», «шоматон ба хайр» набояд оғоз намуд. Худованд ба беҳтар аз он мову шуморо роҳнамоӣ кардааст ва он «**Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу**», ки маънояш саломатӣ бод бар шумо ҳамроҳи раҳмат ва баракоти Худовандӣ, мебошад.

Баъзе аз мардум ин саломро тавҳину қадрношиносӣ мекунанд. Онҳо фазлу бартарӣ ва баракати бепоёни онро намедонанд. Ин таҳияи Ислом ва таҳияи аҳли ҷаннат аст:

Каломи Худованд:

﴿ وَأُدْخِلَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ جَنَّٰتٖ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَا بِإِذۡنِ رَبِّهِمۡۖ تَحِيَّتُهُمۡ فِيهَا سَلَٰمٌ ٢٣ ﴾ إبراهيم: ٢٣

**«Касонеро, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд, ба биҳиштҳое, ки наҳрҳо дар он ҷорист, дароваранд, ба фармони Парвардигорашон дар он ҷо ҷовидона бимонанд ва ба салом якдигарро таҳийят (салом) гӯянд»**[1]

Шахсе, ки ин таҳияро мегӯяд, барояш аҷри бузург ва савоби зиёд навишта хоҳад шуд. Пас чӣ гуна роҳеро, ки Худованд (ҷ) барои шумо осон намудааст, то аҷру подош гиред, ба рӯи худ мебандед ва ба аҳли оилаи худ, ғайр аз ин таҳияро салом мегӯед?!

Паёмбар (с) мефармояд: «*Ҳар вақте бар аҳли худ дохил мешавед, салом диҳед. Саломи шумо барои худатон ва барои аҳли байтатон баракат хоҳад буд*».[2]

---

[1] Сураи Иброҳим, ояти 23.

[2] Ба ривояти Тирмизӣ.

Баъд аз он аз хабарҳое оғоз кунед, ки хушҳолкунанда ҳастанд ва агар хабаре нохуш бошад  аз он оғоз накунед.

## 10.

## Бо лутфу меҳрубонӣ сухан гӯед.

Занҳо, чуноне мегӯянд, ҷинси латиф аз ҳама бештар ба лутфу меҳрубонӣ дар сухан ҳоҷат доранд.

Баъзан ба ҳамсарат сухане мегӯӣ, ки оддӣ аст, лекин ӯ дигар чиз мефаҳмад ва озурдахотир мегардад. Барои мо зарур аст, ки бо зан ба таври дигар муъомила кунем на бо тарзе ки байни ҳамдигар муъомила мекунем. Барои мисол аз ҳамсарат талаб мекунӣ, ки чизе бароят ҳозир кунад, аммо ӯ хато карда чизи дигареро ҳозир мекунад, пас чӣ кор мекунед?! Оё ӯро сарзаниш мекунед ва мегӯед: «оё нағз нашунидӣ ки чӣ гуфтам? Оё ба ту нагуфтам, ки чунин биёр? Аз шумо инро талаб накардам?». Метавонед, ки чунин гӯед, лекин бо ин гуфтор шумо дили ӯро меранҷонед ва муҳаббати ӯро аз даст медиҳед. Лутфу меҳрубонӣ куҷо шуд?

Чӣ мешуд агар мегуфтед:

- Бисёр хуб, хеле заҳмат кашидед, лекин ман инро талаб накардаам, ман фалон чизро талаб карда будам.

Равиши шумо дар сухан гуфтан бисёр муҳим аст ва иборахое бисёре ҳастанд, ки метавонед бо он дили ҳамсаратонро ба даст оред; монанди: «лутф карда, ин корро иҷро кунед», «агар ин корро мекардед, аз шумо миннатдор мешудам», имрӯз дар омода намудани таъом бисёр хаста шудед, Шумо саъю кӯшиши зиёде дар тарбияи фарзандон мекунед, «имрӯз шумо аз ҳарвақта бисёр зебо шудаед», «ин либос, ки шумо ба бар доред, бисёр зебо менамояд», «тозаву пок намудани хона ва тартиб додани он кори хеле хубе буд, ки имруз иҷро кардӣ ва дигар суханони хубе.

# 11.

# Дар он мавзӯъе, ки ҳамсаратро хушҳол мекунад, сухан бигу.

Оё медонед, ки роҳ ёфтан ба қалби шахс аз тариқи сухан гуфтан бо ӯ дар мавзӯъе, ки ӯ дӯст медорад ё коре, ки бисёр аҳаммият медиҳад, гап задан аст? Ин қоидаро уламои равоншинос ва дастандаркорони робитаҳои иҷтимоӣ муқаррар намудаанд. Дейл Корнейги ин амрро дар китоби «Чӣ гуна дӯстонро меёбӣ» таъкид намуда аз устоди адаб дар донишгоҳи «Бел» баъзе суханонро аз табиъати инсонӣ нақл карда мегӯяд:

«Ҳангоми ҳаштсола буданам одат карда будам, ки дар рӯзҳои истироҳатии охири ҳафта ба зиёфати аммаам равам. Дар яке аз бегоҳирӯзиҳо марде ба хонаи аммаам омад, ки миёнасол буд. Пеш аз ин ӯро надида будам ва дар он ҳангом ба заврақҳо рағбати зиёде доштам. Чун марди зоир (меҳмон) аз ин огоҳ шуд суханашро бо ман аз қайиқҳо ва он чи марбути он аст шурӯъ кард.

Суханони ӯ дар вуҷуди ман асари нек боқӣ гузошт. Пас аз хайрухуш намудан ва рафтани он шахс аз аммаам пурсидам, ки ин шахс кӣ буд? Ва ба кадом сабаб ба заврақҳо эҳтимоми зиёд дорад?

Аммаам маро хабар дод, ки ӯ дар шаҳри Нюёрк адвокат аст ва ҳеҷ рағбате ба заврақҳо надорад. Пас аз аммаам пурсидам, ки набошад барои чӣ ҳамаи суханонаш дар бораи заврақҳо буд? Аммаам гуфт, ки чун ӯ марди латифу хушахлоқ аст ва дарёфт, ки ту ба заврақҳо завқи зиёд дорӣ, барои ҳамин ҳам аз чизе сухан гуфт, ки ту бештар ба он таваҷҷӯҳ дорӣ.

Занон ба сифати умум баъзе суханони дӯстдошта доранд ва албатта, шумо медонед, ки кадом навъи сухан ба ҳамсаратон писанд меояд, пас мувофиқи табъи ӯ сухан гӯед ва бисёртар суханонеро гӯед, ки эҳтимому таваҷҷӯҳи ӯро бармеангезад ва сабаби саъодату хушбахтии ӯ мегардад. Ҳаргиз худпарасту худхоҳ набош, зеро шахси худхоҳ танҳо дар бораи чизе сӯҳбат мекунад, ки худи ӯро хушнуд мекунаду бас.

Аз ҷумлаи мавзӯъҳое, ки сухан гуфтан аз он назди зан хуш аст, барои мисол, ин мавзӯъи тарбияи фарзандон ва ғизо додани онҳост, ки дар айни замон барои шумо низ муҳим аст. Пас ҳеҷ

монеъае вуҷуд надорад, ки ҳамроҳи ҳамсарат, нишаста  аз тарбия намудани фарзандон ва иноят ба онҳо сухан кунед. Инчунин аз тарбияи ҷисмониву рӯҳонии тифл ва ҳаллу фасли баъзе мушкилиҳо, монанди мушкили беихтиёр пешоб кардан, мушкили ҷанҷолу нофаҳмиҳо байни фарзандони хурдсол ва ғайра.

# 12.

# Ҳамсаратро назди аҳли оилааш ва аҳли оилаи худ ситоиш намо!

Аз ҳама бештар чизе ки сабаби ғаму андӯҳи зан мегардад ин аст, ки шавҳараш назди бегонагон айби ӯро гӯяд ва аз он ҳам зиёдтар ин аст, ки айби ӯро назди аҳли оилааш гӯяд. Чун зан нисбати аҳли оилаи шавҳараш ҳассосияти шадиде дорад, пас назди онҳо айбгӯӣ кардани шавҳараш чӣ натиҷа хоҳад дод?. Бе шубҳа ин рафтор кори баде аз ҷониби шавҳар ба ҳисоб меравад.

Ҳарчанд аз ҳамсарат чизе дида бошӣ, сазовор нест, ки айбҳои ӯро назди аҳли оилаат бигӯӣ, балки баръакс барои шумо лозим аст, ки ӯро назди падару модар ситоиш кунӣ, корҳои неки ӯро зикр кунӣ. Бисёр ҳолатҳои талокро мушоҳида намудем, ки сабабашон гуфтани шавҳар айбҳои ҳамсарашро дар назди аҳли оилаашон будааст. Чун ин сабаб мегардад, ки аҳли оилаи шавҳар баъд аз он бо он айбҳои зикрнамуда занро таъна мезананд. Ба ин кифоя накарда мавзӯъро ба дигарон ба ҳамсояҳо ҳикоя карда, вазъиятро боз ҳам душвортар сохта ва сабаби ба амал омадани талоқ мегарданд. Гарчанд байни зану шавҳар мушкиле набуд, ки муҷиби ба вуқӯъ пайвастани талоқ гардад. Пас бояд шавҳар бисёр кӯшиш намояд, ки айбҳои ҳамсарашро дар назди аҳлу оилааш ё бегонагон нагӯяд ва муҳаббати ҳамсарашро нисбати худаш ҳифз намояд. Чун ин амр аз ҷумлаи зиндагонии нек кардан бо занон аст, ки Аллоҳ (ҷ) ба он амр намудааст.

Каломи Худованд:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا يَحِلُّ لَكُمۡ أَن تَرِثُواْ ٱلنِّسَآءَ كَرۡهٗاۖ وَلَا تَعۡضُلُوهُنَّ لِتَذۡهَبُواْ
بِبَعۡضِ مَآ ءَاتَيۡتُمُوهُنَّ إِلَّآ أَن يَأۡتِينَ بِفَٰحِشَةٖ مُّبَيِّنَةٖۚ وَعَاشِرُوهُنَّ بِٱلۡمَعۡرُوفِۚ فَإِن
كَرِهۡتُمُوهُنَّ فَعَسَىٰٓ أَن تَكۡرَهُواْ شَيۡـٔٗا وَيَجۡعَلَ ٱللَّهُ فِيهِ خَيۡرٗا كَثِيرٗا ١٩ ﴾ النساء: ١٩

**«Эй касоне, ки имон овардаед, шуморо ҳалол нест, ки занонро бар хилофи майлашон мерос бибаред. Ва то қисмате аз он чиро, ки ба онҳо додаед, бозпас ситонед, бар онҳо сахт магиред, магар он ки муртакиби фаҳшои ошкоре шаванд ва зиндагонӣ кунед бо занон ба ваҷҳе писандида. Ва агар шуморо аз занон хуш наёмад, чӣ басо чизе, ки шуморо аз он хуш намеояд, дар ҳоле, ки Худо хайри бисёре дар он ниҳода бошад »**[1]

# 13.

# Бо ҳамсарат хӯшгуфтор бош!

Чӣ хоҳад шуд, агар шумо таъомеро, ки ҳамсаратон омода намудааст, айб гиред? Ё дар бораи тариқи либоспушии ӯ сухан гӯед, ки ӯ написандад, ё зебоии зани бегонаро назди ӯ ситоиш кунед?!

Бешубҳа, ин рафтор нишонае аз бефаросатии шавҳар ва шояд камшуурии ӯ мебошад. Гоҳо ҳамсарат таъоме муҳайё мекунад, ки ба тариқаи каме бесифаттар, масалан аз он таъоме ки модарат омода менамуд, пас оё ин маънои онро дорад, ки ӯ таъоми болаззат тайёр карда наметавонад? Ва акнун шумо ҳамеша дар назди ӯ таъомҳои тайёрнамудаи модаратонро таърифу тавсиф намоед? Зиндагии заношавҳарӣ ба зиракию мадоро эҳтиёҷ дорад, ҳаргиз таъомашро айб нагир ё таъоми дигареро дар пеши ӯ тавсиф накун, чунки бо ин рафторат қалби ӯро маҷрӯҳ месозӣ ва нишон медиҳӣ, ки ӯ ҳамсари сазовор барои ту нест, пас чӣ гуна баъд аз ин аз ӯ муҳаббату садоқатро интизор мешавӣ?

---

[1] Сураи Нисо, ояти19

Чӣ мешуд, агар ба ӯ гӯед: «Дар ҳақиқат шумо таъомро хеле хуб тайёр намудед ва ин таъоми шумо беҳтарин таъомест, ки дар ҳаётам чашидаам» ва ғайра.

Гоҳо мешавад, ки ин суханон аз қабили луқма (комплимент) бошад ва ин амрест, ки дар ҳаёти заношавҳарӣ матлуб аст. Баъзе мардум шояд гӯянд, ки ин дуруғгӯист. Фарз кунем ки дӯруғ аст. Дӯруғ гуфтан аз ин навъ дар ҳаёти заношавҳарӣ мубоҳ аст, чун муҳаббатро байни зану шавҳар меафзояд ва барои марду зан дар ҳаёти заношавҳарӣ саъодат ба бор меорад. Дар ин маврид Шайх Саъдӣ барҳақ фармуда:

- Дурӯғи маслиҳатомез, беҳ аз рости фитнаангез.

Ба ҳамин хотир, аз Умми Кулсум бинти Уқба (р) омадааст, ки мегӯяд: «Аз Расулуллоҳ (с) нашунидам, ки дар амре дӯруғ гуфтанро иҷозат диҳад, магар дар се чиз: *«Мард сухане барои ислоҳ гӯяд ва сухане ки мард дар ҳарб гӯяд ва сухане, ки мард бо ҳамсараш ва ҳамсар бо шавҳараш гӯяд».*[1]

Бале, чӣ мешавад агар мард ба ҳамсари худ гӯяд:

- Шумо беҳтарин зане ҳастед, ки ман дар ҳаётам дидам? Шумо имрӯз хеле зебо менамоед ва ғайра. Барои чӣ шавҳар аҳёнан ба ин тариқа аз ҳамсараш дилҷӯӣ намекунад? Акнун бо худ биандеш, ки оё чанд рӯз ё ҳафта ё моҳ пештар ҳамсаратро бо суханони нек таъриф кардаӣ, рафтори ӯро ё шаклу сурати ӯро? Баъд аз он боз аз сахтдилии ҳамсар шикоят мекунед!

Ҳамоно Умар (р) дар замони халифаи мусулмонон буданаш, ҳангоми муҳокимаи зане, ки ба суоли шавҳараш, ки оё маро дӯст медорӣ, ҷавоби манфӣ дода буд, Умар (р) ӯро назди худ хонда пурсид:

- Барои чӣ чунин гуфтӣ?

Зан гуфт: Маро савганд дод ва ман дӯруғ гуфтан нахостам.

Умар (р) гуфт:

- Бале, яке аз шумо дар ин масъала бояд дӯруғ гӯяд ва дилҷӯӣ кунад. На ҳар хонадон бар асоси дӯстию муҳаббат бунёд мегардад, балки зиндагонӣ кардан бар асоси Ислому насаб аст.

---

[1] Ба ривояти Муслим.

Мақсади Умар (р) ин аст, ки зан бояд дар сухани худ бо шавҳараш дилҷӯӣ карда, гӯяд ки ман шуморо дӯст медорам. Мешавад, ки чунин набошад, лекин аз боби дилҷӯӣ ва дилёбӣ.. ва шояд қалбҳо дигаргун шаванд!

Шавҳар низ бояд чунин гӯяд ки ман шуморо дӯст медорам, гарчанде чунин набошад. Шояд Худованд дар рафтори ҳамсараш дигаргуние биёварад ва муҳаббати ӯро зиёд гардонад. Пок аст Худованде, ки тасарруфи дилҳо дар дасти ӯст.

## 14.

## Усули муҳаббат байни шумо.

Бисёриҳо ба ин андешаанд, ки занҳо ба сифати умум гулро дӯст медоранд. Гул барои зан чизи муҳим аст ва он аз ҷиҳати моддӣ ҳадяи бисёр оддист, лекин аз ҷиҳати маънавӣ дар нисбати занҳо чизи хеле бузург аст. Пас оё ягон маротиба шавҳар дар бораи як даста гули зебо овардан ба ҳамсараш фикр кардааст? Ё ҳатто як дона гул барои ӯ ҳозир намудааст! Ҳамчун изҳори муҳаббати ӯ? Ҳадя ин бисёр чизи муҳим ва зарурист, он муҳаббатро байни ду тараф меафзояд. Баланд будани нархи тӯҳфа шарт нест. Шахсе, ки қимати ҳадяро ва баланд будани нархи моддии онро менигарад, ҳаргиз маънои ҳадяро дарк накардааст. Ӯ инсони моддист, маънои муҳаббатро дар ҳақиқат нафаҳмидааст. Агар ман ҳадяи оддие ба шахсе пешниҳод намудам, ҳаргиз ин маънои онро надорад, ки ман ӯро дӯст намедорам.

Инчунин пешниҳод намудани тӯҳфаи қиматбаҳо аз шахсе ба дигаре маънои онро надорад, ки ҳадякунанда ӯро бисёр дӯст медорад. Гоҳо ин дуруст мебарояд ва гоҳо шояд чунин набошад. Ҳеҷ алоқае байни андозаи муҳаббат ва қимати ҳадя вуҷуд надорад, магар ки инсон бахил бошад ва ин чизи дигар аст, лекин ба шакли умум тӯҳфа нишонаи дӯстию муҳаббат аст. Дар ҳадиси шариф омадааст: «*Байни ҳам ҳадя диҳед, то дӯстиатон биафзояд*».

Маросимҳои зиёд барои зан вуҷуд дорад, ки мард онҳоро медонад ва сазовор аст, ки ҳамсарашро дар онҳо фаромӯш накарда аз тӯҳфаҳо истифода барад.

# 15.

## Зиндагиро хуш гузарон!

Аз ҷумлаи чизҳое ки бисёре аз занонро дар ҳаёти заношавҳариашон дилгиру хаста мекунад, эҳсоси андӯҳ ва малол шуданашон аз корҳои ҳаррӯзаву якранги рӯзгору зиндагии онҳост. Ин амр дар охир натиҷаи манфии худро бар фазои оила меорад.

Шавҳари комёб касест, ки ҷӯёи ҳаёти саъодатмандона аст, касест, ки мехоҳад муҳаббати ҳамсараш нисбати ӯ зиёд гардад.

Ин гуна шавҳар шахсест, ки намегузорад ҳаёти оилавиаш малолкунанда бошад. Барои ба даст овардани ин чандин корҳоро анҷом додан мумкин аст, ки як оила, аз дигараш бо зиндагии саъодатмандонааш фарқ кунад, тавре ки як муҳит, бо муҳити дигар фарқ дорад. Муҳити деҳа ғайри муҳити саҳро ё шаҳр аст. Инчунин оилаи фақиру нодор ғайри оилаи сарватманду дорост василаҳо фарқ мекунанд, лекин на ба таври куллӣ, чунки то андозае муштарак ҳастанд. Масалан, барои тамошои кӯҳу лолазор рафтан (бидуни дар назардошти макони он ва имкониёти он). Ба чунин сайру сайёҳат баромадан, бешубҳа, маҷрои ҳаётро хеле дигаргун месозад, хастагию зиқӣ ва ташвишро дур сохта, ҳаракату нишотро дар вуҷуди инсон зинда месозад. Ин гуна корҳо шавқу рағбати занро нисбат ба зиндагии заношавҳарӣ зиёд мекунад ва муҳаббаташро нисбат ба шавҳараш меафзояд. Зиёрату дидорбиниҳои оилавӣ низ аз ҷумлаи василаҳое ҳастанд, ки зиқиву малолро аз фазои хона дур месозанд. Илова бар ин бо ин зиёратҳо силаи раҳмро ба ҷо меоранд, фарзандон бо хешу ақрабои худ вохӯрда бо ҳам бозӣ мекунанд ва меҳру муҳаббат байни онҳо меафзояд, инчунин аз василаҳои дур намудани хастагӣ аз фазои оила, ин муҳофизати зану шавҳар ба тоъату ибодати илоҳӣ ва ибодатҳои фарз- шуда хусусан, намозҳои панҷгонааст, зеро адои онҳо дар вақташ сабаби роҳати рӯҳи инсон мегардад, инучунин дуъои «Маъсур» аз Паёмбар (с) низ василае хубе барои рафъи хастагию малол мебошад, ки худи Ӯ (с) фармудааст: *«Худоё, ҳамоно паноҳ мебарам ба шумо аз ғаму андӯҳ ва паноҳ мебарам ба шумо аз нотавонию танбалӣ ва паноҳ мебарам ба шумо аз*

*бахилию буздилӣ ва паноҳ мебарам ба шумо аз ғолиб омадани қарз бар ман ва аз қаҳри мардон».*[1]

Бешубҳа, ҳангоме ки шахси мусалмон ҳар субҳу шом ин дуъоро мехонад, Худованди бузург ғаму андӯҳ ва хастагию малолро аз ӯ дур мекунад.

Василаҳои зиёди дигаре низ вуҷуд доранд, ки боиси рафъи хастагию озурдагии инсон мешаванд. Барои намуна чанде аз онҳоро зикр мекунем:

Шинос шудан бо одамони нав; изҳори муҳаббат нисбати шахсе, ки дӯсташ медоред; қайд намудани чизҳо ё корҳои мусбате, ки анҷом додаӣ ё мехоҳӣ, ки анҷом бидиҳӣ; мутоълиаи китоби нав; ситоиши сифати мусбате, ки дар ҳамсарат ё дар ягон рафиқат вуҷуд дорад; гирд омадан ҳамроҳи рафиқон барои корҳои хайр ва тоъат.

## 16.

## Айбҳои ҳамсаратро бипазир!

Ҳаёти оилавӣ пур аз воқеъаву ҳодисаҳост. Тавре мегӯянд ҳаёти якумрист. Аз ин рӯ, зану шавҳар ба ҷонибҳои мусбат ва манфии шахсияти якдигар аз наздик шинос мешаванд ва гоҳ мешавад, ки айби муайяне дар зан ба шавҳар маъқул намеафтад. Имкон дорад, ки қабули он айб ба шавҳар хеле сахт тамом шавад, лекин дар айни замон дар шахсияти зан низ ҷонибҳои мусбати зиёде вуҷуд доранд. Ҳамаи ин шавҳарро бояд водор созад, ки дар ин амр шитобкорӣ накарда, нисбати зан танҳо аз як ҷониб ҳукм накунад, балки ҳарду ҷониб: мусбат ва манфии шахсияти ӯро дар назар гирад ва барои як айби ночизе, ки дар табиъати ӯст, ӯро инкор накунад.

Каломи Худованд:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا يَحِلُّ لَكُمۡ أَن تَرِثُواْ ٱلنِّسَآءَ كَرۡهٗاۖ وَلَا تَعۡضُلُوهُنَّ لِتَذۡهَبُواْ
بِبَعۡضِ مَآ ءَاتَيۡتُمُوهُنَّ إِلَّآ أَن يَأۡتِينَ بِفَٰحِشَةٖ مُّبَيِّنَةٖۚ وَعَاشِرُوهُنَّ بِٱلۡمَعۡرُوفِۚ فَإِن

[1] Саҳиҳи Бухорӣ.

كَرِهْتُمُوهُنَّ فَعَسَىٰٓ أَن تَكْرَهُوا۟ شَيْـًٔا وَيَجْعَلَ ٱللَّهُ فِيهِ خَيْرًا كَثِيرًا ﴿١٩﴾ ﴾ النساء: ١٩

**«Эй касоне, ки имон овардаед, шуморо ҳалол нест, ки занонро бар хилофи майлашон мерос бибаред. Ва то қисмате аз он чиро, ки ба онҳо додаед, бозпас ситонед, бар онҳо сахт магиред, магар он ки муртакиби фаҳшои ошкоре шаванд ва зиндагонӣ кунед бо занон ба ваҷҳе писандида. Ва агар шуморо аз занон хуш наёмад, чӣ басо чизе, ки шуморо аз он хуш намеояд, дар ҳоле, ки Худо хайри бисёре дар он ниҳода бошад».**[1]

Пас набояд шавҳар барои хислати ночизе занашро бад бинад. Расули акрам (с) мефармояд: *«Нафрат намекунад марди мӯъмин зани мӯъминаро. Агар хислати муайянеро, ки дар ӯст бад бинад, хислати неки дигараш ӯро розӣ мегардонад»*.[2]

Шавҳар бояд огоҳ бошад, ки ҳаргиз зане, ки аз айб холӣ бошад, намеёбад. Имкон дорад, ки занаш бо вуҷуди айбҳояш аз бисёре аз занон беҳтар бошад. Агар инро фаҳмидан хоҳед, метавонед варақу қаламе ба даст гирифта, ҷонибҳои мусбату манфии шахсияти ҳамсаратонро нависед ва ба зудӣ дар хоҳед ёфт ки ҷонибҳои мусбат хеле зиёданд. Шумо огоҳ бошед, ки дар ҳаёти заношавҳарӣ имкон надоред ки завҷае пайдо кунед, ки сад дар сад мувофиқи табъи шумо бошад. Ҳатман табиъатҳо бо ҳам ихтилоф доранд ва ҳатман чизҳоеро мебинед, ки писанди шумост ва чизҳое ҳастанд, ки писанди шумо нест.

Луронс Гулд дар китоби худ «Аз ҳаёт лаззат бибар» мегӯяд:

*«Беҳтарин чизе ки издивоҷ намуданро метавон бо он ташбеҳ намуд, ин мағозаи хӯрокворииест, ки он ҷо ғизоҳои гуногун омода шудааст ва ғизое, ки он ҷо мувофиқи табъи шумо омода шавад, вуҷуд надорад. Фурсат дар дасти шумост, ки беҳтарин навъи таъомро мувофиқи табъатон ихтиёр кунед. Агар издивоҷ намуданро низ чунин тасаввур намоед онро хеле хушҳолкунанда ва дилпазир хоҳед ёфт»*.

Луронс бо ин сухани худ мехоҳад бигӯяд, ки завҷаи шумо тавре ки шумо мехоҳед нест ва нахоҳад буд, зеро ӯ то синни

[1] Сураи Нисо, ояти 19

[2] Ба ривояти Муслим.

издивоҷаш  тарбияе гирифтааст, ки аз тарбияи гирифтаи шумо фарқ мекунад ва табиъатеро касб кардааст, ки ғайри табиъати шумост. Эҳтимол дорад, ки дар баъзе корҳо бо шумо мувофиқ ва дар баъзеи дигар аз шумо фарқ дошта бошад. Ин ҳақиқатро пазируфтан лозим аст. Набояд бо ҳаёт муқовимат намуд ва хислатеро, ки ҷузъи табиъати инсон гаштааст мағлуб сохт. Тағйир додани он кори осон нест, гарчанде мумкин аст, лекин баъд аз муддати дароз ва сабри ҷамилу кушишҳои пайгирона.

## 17.

## Мунокиша дар корҳои ночиз.

Байни зану шавҳар гоҳо ихтилофоту нофаҳмиҳо рӯй медиҳанд, лекин ҳал нанамудани ин гуна мушкилоту нофаҳмиҳо ва побарҳаво гузоштани онҳо сабаб мегардад, ки онҳо ҷамъ шуда бузург шаванд ва ҳалли онҳо гарон шавад. Дар ҳоле ки бинандаи боинсоф ҳукм хоҳад кард, ки он чи байни занушавҳар рӯй додааст, боиси ихтилоф нест.

Бинобар ин Дейл Корнеги гуфтааст: «Мушкилоту ихтилофоти ночиз ва хурд дар ҳаёти заношавҳарӣ метавонад ақлҳои шавҳарону занонро мунҳариф созад, бирабояд ва сабаби дарди дил гардад, ки нисфи олам аз он дар азобанд».

Ҳамаи ин бо кадом сабаб аст? Иллати асоси ба фикри мо ин мушкилоту ихтилофоти ночиз нест, балки тариқаи бархурд бо ин мушкилот аст. Дар ҳақиқат  асабонӣ ва дилгир шудани шавҳар ва сабр намудани ӯ бар баъзе аз ин гуноҳони хурде ки аз зан содир мешаванд, сабаб мешавад, ки рӯҳи инсон зуд аз ин ихтилофоту мушкилоти кӯчак ба танг ояд. Агар шавҳар корро ба осонӣ гирад ва ба сабаби ин гуна корҳо зуд асабонӣ нашавад ва занро дар он маъзур дорад, баъд аз чанд муддат он мушкилро эҳсос нахоҳад кард. Лекин шавҳар дар ҳамаи ин корҳо асабонӣ шуда, занро заҷру танбеҳ кунад, ана ин мушкили ҳақиқӣ аст.

Яке аз қозиҳое ки бештар аз 40 – ҳазор қазияи талокро ҳукм намудааст, баён доштааст, ки «Ҳамеша умури ночиз сабаби бадбахтии зану шавҳар мегардад».

# 18.

# Дар корҳои хона ба ҳамсарҳоят ёрӣ расон.

Шарт нест, ки дар корҳои хона ба таври доим ба ҳамсарат ёрӣ диҳӣ, лекин ҳангоме ки гоҳ – гоҳ ёрии туро дар умури хона завҷаат мебинад, худро хушҳолу саъодатманд ҳис мекунад ва муҳаббаташ нисбат ба шумо меафзояд. Баъзе аз шавҳарҳо чунин мепиндоранд, ки иҷро кардани ҳар гуна кори манзил сабаби кам гаштани қадру манзалати онҳо мегардад. Ин мутлақан пиндори нодуруст аст. Беҳтарин фарзанди Одам, Паёмбари бузургвор (с) беҳтарини мардумон аз нигоҳи муъомала бо аҳлу аёлашон буданд. Бо вуҷуди бисёр будани машғулиятҳои даъватиашон ёвари хубе барои ҳамсаронашон дар умури манзил буданд. Уммулмӯъминин Оиша (р)-ро аз Паёмбар (с) дар ин бора суол карда шуд, ки чунин мегӯяд: «*Шахсе буд, ҷомаи худро медухт, шири гӯсфандро медӯшид ва хидмати худро мекард*».[1]

Инчунин Оиша (р) мегӯяд: «*Паёмбар (с) дар хидмати аҳли оилааш буд ва ҳангоме ки вақти намоз фаро мерасид, ба намозгоҳ мешитофт*».[2]

Хидмат намудани зан шавҳарашро воҷиб аст, аммо кӯмак намудан ба зан дар умури манзил аз ҳусни муъошират ва аз василаи афзудани муҳаббат байни онҳост, хусусан ҳангоме ки зан аз умури хона хеле хаста мешавад.

# 19.

# Дар эҳсосоти худ бахил мабош.

Бахилтарин мардум касест ки бо ҳамсараш аз нигоҳи меҳру муҳаббат бахилӣ мекунад ва шахсест, ки ҳангоми мулоқоти рӯҳию ҷисмонӣ ё тавре мегӯянд алоқаи ҷинсӣ бо ҳамсараш бахилӣ мекунад. Ин бахилӣ ҳангомест, ки мақсади шавҳар танҳо ризо

[1] Ба ривояти Аҳмад.

[2] Ба ривояти Бухорӣ.

сохтани нафси худ ва баровардани ҳоҷаташ бошад. Ва ба ҳоли ҳамсараш ва ризо намудани ӯ назар накунад, ки оё ӯ низ монанди худаш ризо шудааст ё на. Ин сабаби аз даст рафтани тавофуқи ҷинсӣ мешавад.

Имом Ғаззолӣ мегӯяд:

*«Баъд аз он ҳангоме ки шавҳар ҳоҷаташро баровarда сохт, пас бояд бар аҳлаш мӯҳлат диҳад, то ӯ низ ҳоҷаташро бароварад. Шояд баровардани ҳоҷати ӯ тӯлонитар анҷом пазирад, бинобар ин, шавҳар бояд шаҳвати ӯро барангезад. Ба ҳоли худ гузоштани зан дар ин ҳолат сабаби озори ӯ мегардад ва ихтилоф дар зуҳури «инзол» (расидан ба авҷи лаззат ва шаҳват) сабаби нафрат мегардад».*[1]

Тавофуқ, яъне мувофиқат дар инзол барои зан хеле болаззат аст. Пас бояд шавҳар танҳо бо худ машғул нашавад ва ба ҳамсараш низ аҳаммият диҳад, зеро ӯ шояд аз ибрози ин масъала шарм кунад. Баъзе шавҳарон гумон мекунанд, ки зан бояд рағбати ҷинсии онҳоро қонеъ кунад ва бар худи онҳо лозим нест, ки одоби ҳамхобагиро риъоя кунанд. Ин, албатта, хатои маҳз аст.

Аз ҷумлаи одоби ҷимоъ (алоқаи ҷинсӣ) ин унс гирифтан бо зан, лутфу меҳрубонӣ бо ӯ ва ҳазлу бозӣ ва суханони гарм гуфтан бо ӯст, то вай низ ба ин кор омода шавад ва ҷавоби мусбат диҳад. Бӯса намудан, даст задан, сухани гарм гуфтан ва ғайра ҳамчун умури муқадамотӣ барои ҳамхобагӣ хеле зарур ва муҳимманд. Пас барои шавҳар лоиқ нест, ки монанди ҳайвон бо ҳамсараш алоқаи ҷинсӣ кунад, балки байни худ ва ҳамсараш бояд корҳои муқадамотие, ки дар боло зикр гардид, анҷом пазирад. Шавҳар бояд огоҳ бошад, ки бетафовут будан нисбат ба ҳамсараш дар ин амр, сабаби тира гардидани алоқа байни онҳо мегардад.

Инчунин ин амр сабаби пӯшидае барои бисёре аз мушкилиҳо мешавад, ки зан ҳарос намуда, онро ошкор намесозад ва далелҳои дигар меорад, ки ҳаққонӣ нестанд. Яке аз табибони мутахассис ҳолати теъдоди зиёде аз занону шавҳаронро таҳқиқ кард ва ин баҳсу таҳқиқи ӯ чандин сол давом намуд ва натиҷаи бисёр муҳим ва хатарнок ҳосил намуд, ки дар китобаш «Хатои шавҳарон чист»

---

[1] «Иҳёи улуми дин» (2\50).

онро баён доштааст. Ин табиб доктор Ҳомилтун аст. Ӯ хулосаи натиҷаи ин ҷустуҷӯйи тӯлониро чунин мегӯяд:

«*Дар ҳақиқат даст наёфтан ба тавофуқи ҷинсӣ ҳамеша асоси ҳар издивоҷи ноком аст. Ҳар мушкилоти дигареро ҳамсарон метавонанд аз мадди назар дур гиранд, агар тавофуқи ҷинсӣ байни зану шавҳар ҳосил шавад*». Оё баъд аз ин (натиҷаи ҳосилшудаи мазкур) шавҳар нисбати ҳамсараш дар ҳосил намудани тавофуқи ҷинсӣ ва лаззат бурдан бахилӣ мекунад?

## 20.

## Нуқта назари ҳамсаратро эҳтиром кун.

Баъзе шавҳарон ақли ҳамсарони худ ва тариқаи фикр намудани онҳоро масхара мекунанд. Ин гуна шавҳарон бо чунин амалашон танҳо мушкилро меафзоянд ва хоҳишманди хушбахт шудан дар ҳаёти заношавҳарӣ нестанд. Ҳамчуноне ки ин гуна шавҳарон сазовори эҳтироми ҳамсаронаш нестанд, зеро эҳтиром амри дуҷониба аст ва ҳар вақте шахсеро эҳтиром накунед, ӯ низ шуморо эҳтиром намекунад, гарчанде шумо инро баръакс фаҳмед. Зане, ки аз шавҳараш чунин рафторро мушоҳида мекунад, ҳаргиз ӯро дӯст намедорад. Як масъалае вуҷуд дорад, ки бисёре аз мардҳо онро ғалат мефаҳманд ва он гумони эшон бар ин аст, ки ақли зан заъиф аст, заковату зиракиаш кам аст ва тариқаи тафаккураш каҷ ва носолим аст ва раъйи дуруст дошта наметавонад. Ин суханоне ҳастанд, ки ҳеҷ гуна асос надоранд ва масдари он фаҳми нодурусти баъзе аҳодисест, ки дар ин мавзӯъ ворид шудааст. Масалан ҳадиси «*Занон кӯтоҳақлу кӯтоҳдин ҳастанд*». Баъзеҳо ғалат мефаҳманд, ки гӯё нуқсону кӯтоҳии ақл ин ҷо заковати сусту тариқаи носолими фикр аст.

Ин андеша нодуруст аст. Мақсади ин ҳадис аз кӯтоҳақлӣ он аст,ки фаромӯшхотирии зан бештар аз мард аст, чун зан ба бисёр корҳое дучор мешавад, ки ба фаромӯшхотирӣ сабаб мешаванд, хусусан дар ҳаёти оилавӣ. Далел ба ин гуфтаҳо ҳадиси Паёмбар (с) аст, ҳине ки занон пурсиданд:

- Эй Расули Худо, нуқсони ақлу дини мо чист?

Фармуданд (с):

Оё шаҳодати зан нисфи шаҳодати мард нест?

Гуфтанд:

- Бале!

Боз фармуданд (с):

- Ин аз нуқсони ақли ӯст, оё зан ҳангоми ҳайз диданаш намозу рӯзаро тарк намекунад?

Гуфтанд:

- Бале, эй Расули Худо.

Фармуданд (с):

- Ин аз нуқсони дини ӯст».[1]

Акнун нуқсоне, ки дар ҳадис ворид шудааст, маънояш равшан гашт. Инчунин нуқсони дини ӯ маънии нуқсон дар ҳақиқати динро надорад, балки мақсад нуқсон дар баъзе умури ибодат аст, ки зан барои тарк намудани адои он пурсида намешавад, балки агар он амрҳоро дар он ҳангом адо кунад, ҳаром хоҳад буд. Барои зани ҳайзбин рӯзаву намоз ҳаром аст, агар онро анҷом диҳад, гунаҳкор мешавад. Пас ақли зан мӯҳтарам аст. Занҳое вуҷуд доранд, ки заковаташон аз бисёр мардҳо беҳтар аст.

Нуктаи асосӣ дар ин амр ин аст, ки Худованд заковати занро ба андозаи дигар офаридааст, ки аз мард тафовут дорад. Ин барои ҳикматест, ки Худованд (ҷ) худ ба он доност.

Шояд ин ба сабаби ғанӣ гардонидани ҳаёт бошад, то нав ба нав гардад ва танҳо мард бо ақли худ дар он ҳаким (ҳукмкунанда) набошад, балки шояд отифаи пурҷӯшу хурӯши зан ҳаётро маънои дигар бахшад. Аммо агар маншаъи ин гуна эътиқод дар мардҳо нисбати ақли занон ба таври дар боло зикр шуда набошад ва дар ҳақиқат ҳам бо зане издивоҷ намудааст, ки заковаташ суст аст ва тариқаи тафкираш носолим аст, пас ҳоҷате нест, ки он айбро дар рӯ ба рӯяш бигӯяд ва доим фикри ӯро носолим шуморад, балки бар ӯ воҷиб аст, ки он айбро аз ӯ бипазирад, чун бо ҳамон айб ӯро издивоҷ намуда буд, пас аз рӯи инсоф нест, ки бо амре ки дар ихтиёру тавоноии ӯ нест, ӯро айбдор кунад.

Масъалаи дигаре, ки хеле муҳим аст, ин иштироки зан дар корҳои хона ва андешарониву ба нақшагирии умури он ҳамроҳи

---

[1] Ин ҳадисро Бухорӣ ривоят кардааст.

мард ва машварат бо зан дар ин корҳост. Эътиқоде байни бисёре аз мардҳо роиҷ аст, ки «*машварат бо зан хонаро вайрон мекунад*». Ин гуна фикр бо баъзе занҳо рост меояд, лекин дар ҳақиқат баъзе занҳо ва баъзе ҳамсарҳое ҳастанд, ки аз шавҳарашон дида фикррониии хуб доранд.

Машварат бо эшон сабаби ислоҳи бисёре аз корҳо гардидааст, ки шавҳаронашон онро фосид намуда буданд. Пас машварат бо зан ҳеҷ бадие надорад, чуноне ки баъзе мардҳо мепиндоранд. Баъзе мардум ин гуна ақида доранд он ҳам бо такя ба ҳадиси мавзӯъ (дӯруғ), ки мегӯяд: «*Машварат кунед бо занон ва мухолофат кунед эшонро*». Ин муҷарради як сухан аст. Шояд вазъкунандагони он ашхосе, ҳастанд, ки занро дар ҳаёти мусалмонон мехоҳанд аз саҳна дур созанд ва оиларо фосид кунанд. Ин ҳадафест, ки душманони уммати исломӣ кайҳо боз дунболи он ҳастанд.

## 21.

## Нисбати ҳамсаронат гумони нек дошта бош!

Пайдо шудани гумони бад нисбати зан саъодату хушбахтиро дар оила хотима мебахшад. Аз қоидаҳои маъруф дар алоқаҳои инсонӣ ин аст, ки «*шубҳа сабаби ба вуҷуд омадани шак ва гумони бад мегардад ва боварӣ сабаби ба вуҷуд омадани боварӣ мегардад*». Пас ҳангоме ки ба шахс бовар кардед, ӯ низ шуморо бовар мекунад ва хиёнат намекунад. Ин амр, албатта, ба шахсоне рост меояд, ки аз асл поку беолоиш ҳастанд, аммо хиёнатпешаву дуздҳо ва монанди онҳо сазовори боварӣ нестанд. Асл дар онҳо бадгумонист. Шавҳаре, ки зани мусалмону побанд ба исломро аз оилаи мусалмону мӯҳтараме ба занӣ гирифтааст, дар ҳақиқат интихоби хубе кардааст. Асл дар чунин ҳамсар побанд будан ба дин ва ахлоқи нек аст. Пас набояд шавҳар аз паси гумонҳову ваҳми худ рафта, ӯро дунболагирӣ кунад. Агар шавҳар чунин рафтор кунад оилаи худашро бешак вайрон кардааст ва ҳамсараш айбе надорад, балки шавҳар гунаҳгор аст, зеро, ки ин амали ӯ сабаби озори завҷааш мегардад ва зулм бар ӯ мешавад.

Паёмбар (с) низ аз чунин амал  манъ намудааст. Дар ҳадиси шариф омадааст:

*«Манъ намудааст Расулуллоҳ (с) аз даромадани мард бар аҳлаш шабона барои ҷўё шудани хиёнати онҳо ё камбудии онҳо».*[1]

Дар ҳақиқат Паёмбар (с) пайравӣ намуданро аз рашки ноҷо, ки гумон ва шакку шубҳаро дарбар мегирад ҳаром гардонидааст, ки он сабаби азоб додани зан бидуни ягон асос мегардад

Паёмбар (с) мефармоянд:

*«Ҳамоно ғайрат рашк намудане ҳаст, ки Худованд онро дўст дорад ва дигар навъе ҳаст, ки Худованд аз он нафрат дорад. Аммо он ғайратро ки Худованд дўст дорад ғайрат намудан дар шак аст. Аммо ғайратеро ки Худованд аз он нафрат дорад, ғайрат дар ғайри шак аст».*[2]

Дар ҳақиқат бисёр мушоҳида намудаем, ки чӣ гуна шайтон шубҳа гумони бад ва ваҳмро дар дили баъзе шавҳарҳо дохил намуда, сабаби тўҳмат намудани ҳамсарҳо мешаванд, ки эшон аз он тўҳматҳо пок ҳастанд. Натиҷаи охири ин амалҳо вайрон гардидани оилаҳои мусалмон асту бас. Мушкилиҳои гумони бад ин аст, ки халос шудан аз он душвор аст ва ин ки соҳибаш ғайр аз он чизеро намебинад. Гоҳо мешавад, ки ҳазорон сабаби дигар вуҷуд дорад, лекин ғайр аз он гумоне, ки дар зеҳнаш мегардад. дигар чизеро намебинад.

Бинобар ин Худованд (ҷ) мефармояд:

﴿ وَإِنَّ ٱلظَّنَّ لَا يُغۡنِي مِنَ ٱلۡحَقِّ شَيۡـٔٗا ٢٨ ﴾ النجم: ٢٨

«**Ва ҳаройна, гумон барои шинохти ҳақиқат нест!**»[3]

Паёмбар (с) фармудааст:

*«Аз гумон барҳазар бошед, зеро гумон дурўғтарини суханон аст».*[4]

---

[1] Ин ҳадисро Бухорӣ ва дигарон ривоят кардаанд.

[2] Ин ҳадисро Абудовуд, Насоӣ ва ибни Моҷа ривоят кардаанд.

[3] Сураи Наҷм, ояти 28.

[4] Ин ҳадисро Бухорӣ ва Муслим ривоят кардаанд.

## 22.

## Ба ҳамсарат ҳамчун ҳамсари намунавӣ назар намо!

Баъзе шавҳарҳо гумон мекунанд, ки насиҳату роҳнамоиҳои зиёде, ки ба ҳамсарашон тақдим мекунанд, сабабиислоҳи айби онҳо мегардад ва баъд аз муддате шикоят карда мегӯянд: ҳамаи саъю кӯшишамро барои ислоҳи ӯ сарф намудам ва бо вуҷуди он ҳам чизеро тағйир дода натавонистам?! Сабаби ин ҳама дар чист?

Дар ҳақиқат ин гуна шавҳар чӣ гуна бархурд намудан бо ҳамсарашро надонистааст, балки чӣ гуна имкон доштани ислоҳи айби мардумро нафаҳмидааст…

Агар шахсеро танқид карда, ӯро пай дар пай барои кори муайяне итобу сарзаниш кунед, оё ин сабаби ислоҳ гардидани он шахс мегардад?! Ҳақиқате, ки воқеъиятро таъйид мекунад, ҷавоби манфӣ медиҳад.

Чунки ҳар шахс ҳангоме ки танқиду итобу сарзаниш ба хотири амале ба сӯи ӯ равона мегардад, ӯ ба он амр аҳаммият надода, ба шахсияти худ аҳаммият медиҳад ва кӯшиш мекунад, ки аз шахсияти худ дифоъ кунад ва шахсияташро пок созад. Касоне, ки бо ҳамсаронашон ҳамин гуна рафтор мекунанд, бо чунин натиҷа рӯ ба рӯ мегарданд.

Пас агар мехоҳед, ки дар зиндагии оилавиатон саъодатманд бошед, бояд ҳамсаратонро ситоиш кунед ва ӯро огоҳ созед, ки ҳамсари намунавист. Баъд аз он агар мехоҳед, ки камбудиеро ишора карда ислоҳ кунед, пас бояд баъд аз ситоиши корҳои неки ӯ, ки анҷом додааст, онро баён доред ба ин тариқа насиҳати шуморо мепазирад ва муҳаббаташ низ нисбати шумо меафзояд.

## 23.

## Ба ҳамсарат дар рушди истеъдоду тавонмандиҳояш кӯмак расон

Оё ба ҳамсарат дар рушди истеъдоду тавонмандиаш кӯмак расонидаӣ? Инсон ҳангоме мебинад, ки шахсе ба ӯ дар ҳосил

намудани рағбаташ кӯмак мерасонад он шахсро дӯст медорад ва эҳтиром мекунад. Баъзе шавҳароне ҳастанд, ки истеъдоду қудратмандии ҳамсарашонро паст шуморида, онро амри ночиз медонанд. Ин кори зишт аст, занро аз мард дилгир месозад. Марде, ки чунин рафтор дорад ӯ ҷоҳил аст, намедонад, ки бо мардум чӣ тавр бархурд кунад, балки бо шахси ба худаш наздиктарин. Амали дӯстдоштаи ҳамсаратро бояд эҳтиром намоӣ, гарчанде, ки он дар назарат ночиз намояд. Барои мисол Паёмбар (с)-ро ба ёд биёр. Ӯ (с) хурдии синну соли ҳамсараш Оишаро (р) дарк мекард, бо ӯ мусобақаи давидан карда, гоҳо мебуриду гоҳе мебохт.

Бо Оиша (р) ҳазлу шӯхӣ мекард. Оиша (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар (с) аз ғазваи Табук ё Хайбар баргашт, дар ҳоле ки Оиша (р) машғули бозӣ буданд. Шамоли вазидаистода тарафе аз пардаро баланд намуд ва «духтарҳои» Оиша (р), (яъне лухтакҳо) намоён шуданд. Паёмбар (с) фармуд: «Инҳо чист эй Оиша (р)?»

Оиша (р) гуфт:

- Духтарони ман. Паёмбар (с) байни онҳо асперо дид, ки бол дошт, пас фармуд: «Ин чист, ки миёни онҳо мебинам?»

Оиша (р) гуфт:

- Асп.

Ӯ (с) фармуд: «Чист бар он?»

Оиша (р) гуфт:

- Болҳои он.

Ӯ (с) фармуданд: «Асп ба худ бол дорад?».

Оиша (р) гуфт:

- Нашунидаӣ, ки Сулаймон (а) филе дошт, ки чандин бол дошт?!

Пас Паёмбар (с) хандиданд ба ҳадде, ки дандонҳои курсиашон намоён гардиданд.[1]

Шумо бинед, ки ҳамсаратон ба баъзе бозии давраи бачагӣ машғул аст, оё ҳамчун Расулуллоҳ (с) хушмомилагӣ карда, ба ҳазлу шухӣ мепардозед ва ё маломат карда масхарааш мекунед? Шавҳар бояд донад, ки амали писандида ё истеъдоди шахс барои ӯ хеле маҳбуб аст. Ӯ дар он амал худашро мебинад ва бо анҷоми он эҳсоси хушҳолӣ мекунад ва шумо ҳангоме, ки истеъдоди ӯро

---

[1] Ин ҳадисро Абудовуд ва Насоӣ ривоят кардаанд.

маҷрӯҳ месозед ё амали писандидаи ӯро масхара мекунед, бо ин амалкард шумо роҳеро, ки ӯ аз он саъодаташро касб мекунад бастаед. Ва аз ҳаққи шумо нест, балки агар бо ҳамсаратон чунин рафтор кунед, натиҷаи нохубе барои шумо ба бор хоҳад овард.

Ҳенри Ҷеймс мегӯяд:

*«Аввалин чизе ки дар фанни муъомила бо мардум бояд донист, ин аст, ки садди роҳҳое, ки саъодаташонро аз он касб мекунанд нашавед, магар дар ҳоле, ки он садди роҳи шумо бошад».*

## 24.

## Ҳассосияти ҳамсаратро дар ҳоли бордорӣ ва давраи моҳона (ҳайз) риоя намо.

Бешубҳа ҳолати нафсии зан баъзе вақтҳо дигаргун мешавад, табиъаташ нозук гашта, мизоҷаш олуда мешавад ва монанди ин дигар иллатҳо. Ин иллатҳо замони давраи моҳона, ҳомиладорӣ, хусусан дар моҳи аввали бордори зоҳир мешаванд. Ин илова бар дарду аламҳое ҳастанд, ки дар он ҳангом зан дучори онҳо мегардад. Аз ин лиҳоз барои мард лозим аст, ки дар ин марҳилаҳо нафсияти занро риъоя намуда, заъфи ӯро ба назар гирад. Аллома Мавдудӣ дар китоби худ «Ҳиҷоб» аз баъзе устодони тиб суханони муҳиммеро дар бораи дигаргуниҳое, ки бар зан асной ҳомиладорию давраи моҳона ворид мешаванд нақл мекунад: масалан ӯ мегӯяд:

*«Муъоинаҳои тиббие, ки табиб Креҷу бар иддае аз занҳо анҷом додааст, далолат бар он мекунанд, ки нисфи занҳо дар рӯзҳои давраи моҳонаашон аз камҳазмии меъдаашон шикоят мекунанд ва дар рӯзҳои охири давраи моҳона аз қабзият ё сахт шудани мизоҷашон шикоят мекунанд. Табиб Ҷеб Ҳорд мегӯяд: кам ҳастанд заноне, ки дар рӯзҳои давраи моҳонаашон аз иллате шикоят накунанд, бисёри занҳо аз дарди сар, алами зери ноф ва камиштиҳои шикоят мекунанд. Табиъати эшон тира гашта, гоҳо гиря мекунанд».*

Табиб Фулситшифкий аз мушоҳидаҳои дақиқи худ чунин натиҷа гирифтааст, ки дар рӯзҳои давраи моҳонааш қувваи ақлӣ ва фикрии зан заъиф мегардад. Табиб Крофт Ийнбеҷ менависад: дар

ҳаёти ҳаррўзаамон мушоҳида мекунем, ки занҳое, ки ахлоқи ҳамида, рафтори нарм доранд ва қобилияти хуби корӣ доранд, табиъаташон ба муҷарради дохил шуданашон дар рўзҳои давраи моҳона дигаргун мешавад. Бинобар ин,ба шавҳар лозим аст, ки дар рўзҳои давраи моҳона ба ҳар тасарруфоти зан иллатҷўӣ накунад, чун дигаргуниҳои зиёди баданию рўҳӣ, ки заъфу нотавонӣ дар пай дорад, ба ў ворид мегардад, тавре ки пештар баён доштем. Инчунин тағйиротҳои шадидтар аз он чи баён доштем ба зан дар замони бордориаш ворид мегардад, хусусан дар се моҳи аввали он. Табиб Реберф мегўяд:

*«Қувваи зан дар замони ҳомила тавоноии бардошти машаққати баданию ақлиро тавре ки дар дигар ҳолатҳо соҳиб аст, надорад. Дар ҳақиқат авориzи (дигаргуниҳои) бордорӣ агар барои мард ё зани ғайрибордор бошад, ҳаройна, бидуни шак, бар он зан ё мард ҳукм ба беморӣ карда мешавад».*

Дар муддати бордорӣ асаби зан халалдор барои чанд моҳ боқӣ мемонад, тавозуни зеҳниаш музтариб мегардад ва ҳамаи он унсурҳои зеҳниаш дар ҳолати нобасомон мебошад. Ў дар ин асно байни беморию сиҳатӣ аст ва камтарин сабаб метавонад ўро ба беморӣ гирифтор кунад. Табиб Фишер мегўяд:

*«Ба таҳқиқ, ҳатто зани солим аз изтироби шадид дар замони бордорӣ дар амон намемонад; мизоҷаш ҳамеша дигаргун мешавад, афкораш мушавваш мегардад ва дар ақлаш фикрҳои бад ворид мешавад».*

Ва нуктаи дигаре ки Ҳюлок Ийлс, Алберт Мул ва ғайри онҳо иттифоқ намудаанд, ин аст, ки дар моҳи охир аз моҳҳои бордорӣ ҳеҷ гуна такаллуфи баданӣ ва ақлӣ барои зани ҳомиладор ҷоиз нест».

Пас, барои шавҳар сабр намудан дар ин асно ва кўмак намудани зан дар он чи барояш мушкил аст воҷиб мебошад.

## 25.

## Кўмак намудан ба зан дар тарбияи фарзандон.

Барои мард айб нест, ки ҳамсарашро дар тарбияи фарзандон ёрӣ расонад. Дар ҳақиқат ин амри хеле муҳим аст, гоҳо осон ба назар мерасад, лекин дар асл хеле мушкил аст ва ба кўмаки падар эҳтиёҷ дорад, хусусан ҳангоме, ки зан берун аз манзил низ кор мекунад. Дар чунин ҳолат масъулиятҳои зан меафзояд ва тарбияи фарзандон бидуни ёрии падар барояш душвор мешавад.

Таҷрибаҳо ва санҷишҳо собит намуданд, ки мард метавонад ба фарзандони худ иноят фармояд. Ва ин амал, бешубҳа, василаи комёбест барои шиносоии падар ба ҳоҷатҳои баданию нафсӣ ва истеъдодҳои гуногуни фарзандаш.

Инчунин эҳтиёҷи зан ба ёрии шавҳар дар тарбияи фарзандон дар ҳолати беморӣ зиёд мегардад. Баробар аст, ки бемории зан бошад ё аз фарзандон. Пас барои мард сазовор нест, ки дар ҳолати бемории фарзандонаш занашро нотавон дида, ба онҳо ёрӣ надиҳад! Онҳо фарзандонаш ҳастанд ҳамчуноне, ки фарзандони зан ҳастанд. Онҳо дар зери сарпарастии ў ҳастанд ва бар ў воҷиб аст, ки онҳоро сарпарастии нек кунад. Ҳар падар бояд огоҳ бошад, ки ёрӣ намудани ҳамсараш дар тарбияи фарзанд, хусусан дар ҳолати кор кардани зан берун аз манзил ё беморӣ амри заруриест, ки аз ў ҷои гурез нест. Ин амал бар ў воҷиб аст ва бояд воҷибаашро адо кунад, то дар дунё ва охират саъодатманд бошад.

## 26.

## Эҳтиром ва некўӣ кардан бо хешу табори ҳамсар ва манъ нанамудани ў аз зиёрати онҳо.

Ислом дини муҳаббату раҳмат ва таъоруф байни мардумон аст ва алоқаи «мусоҳара» (хешу таборӣ аз тариқи издивоҷ) аз ҷумлаи робитаҳои мустаҳкамест, ки дини Ислом тавассути он мехоҳад сафи мусалмононро пурқувват гардонад ва муҳаббату улфатро байни онҳо паҳн намояд. Ҳангоме, ки ду оила бо ҳам ба василаи

арўсу домод алоқаи хешутаборӣ барпо мекунанд ва фарзандон ба дунё меоянд ба онҳо «амак» ва баъзе дигарро «тағову хола» мегўянд. Ин робита пайванди хешу таборист, зеро маълум месозад, ки чӣ гуна он бояд пурқувват бошад.

Шавҳаре, ки ин амрро мефаҳмад, ҳатман бояд аз аввал алоқаашро бо аҳлу оилаи завҷааш хуб намояд, онҳоро икрому эҳтиром кунад, балки завҷаашро ба некўӣ намудан ба онҳо амр кунад, ўро аз зиёрати эшон манъ нанамояд, зеро онҳо хешу табори ў ҳастанд ва ҳаққи зиёде бар болои вай доранд. Аммо шавҳароне, ки дар алоқа бо хешу табори ҳамсарашон мушкилот эҷод мекунанд, то робитаашон қатъ шавад, эшон бо ин амалашон аз фармудаҳои илоҳӣ дур мешаванд ва сабаби қатъи силаи раҳм мегарданд. Пас, оқибати хешутаборие, ки душманию нафратро ба бор орад чист? Дар ҳақиқат шавҳари мусалмон касест, ки барои ба ҷо овардани силаи раҳм ва эҷоди дўстию муҳаббат байни мусалмонон саъю кўшиш мекунад, на барои ҷудоиандозию душманӣ.

Каломи Худованд:

﴿ فَهَلْ عَسَيْتُمْ إِن تَوَلَّيْتُمْ أَن تُفْسِدُوا فِي الْأَرْضِ وَتُقَطِّعُوا أَرْحَامَكُمْ ﴿٢٢﴾ ﴾ محمد: ٢٢

**«(Эй, касоне, ки аз Ислом рўй гардонидед ва ё касоне, ки аз ҷиҳод саркашӣ кардед) Оё агар ба ҳукумат расидед, мехоҳед дар замин фасод кунед ва пайванди хешовандиятонро бибуред, (мисле, ки пешиниёнатон карданд)?»**[1]

Пас, қатъ намудани силаи раҳм монанди нашри фасод дар рўи замин аст. Оё шавҳар розӣ мешавад, ки аз зумраи фосидкорони дар рўйи замин бошад?!

## 27.

## Ҳамроҳӣ дар сари дастархон.

Баъзе шавҳарҳоро аз сабаби ба таври доими машғул буданашон бо кор ё даст надодани вақтҳои корӣ мушоҳида мекунед, ки гоҳ – гоҳе ҳамроҳ бо ҳамсарашон сари дастархон

[1] Сураи Муҳаммад, ояти 22.

менишинанд. Ин амрест, ки сардшавиро дар алоқаи заношавҳарӣ меафзояд. Иштирок намудан дар хӯрокхӯрӣ бо зан, ақаллан як маротиба дар як рӯз зарур аст.

Нишастан ҳамроҳи фарзандон, маънои ҷамъ омадани оила барои таъом аст, ки фоидаҳои зиёде дорад; аз ҷумла афзудани меҳру муҳаббат байни зану шавҳар ва байни фарзандон ва волидайн ва байни худи фарзандон, таълим гирифтани фарзандон одоби тановули таъомро аз падару модар, омӯхтани фарзандон, ки чӣ гуна интизор шудан лозим, то падар омада ба сари дастархон нишинад, инчунин модар, ба хӯрдан оғоз кунад баъд аз он фарзандон бо эшон ҳамроҳ шаванд ва ғайра. Инчунин суханони даври дастархон табъиати хос дорад. Он ҷо ҳар фарди оила дар атрофи як мавзӯъ сухан мегӯяд, ҳар яке аз ҳолати худаш сухан мегӯяд ва он чи бо ӯ рӯй додааст, нақл мекунад.

Ба ҳамин шакл падару модар аз рафтору кирдори фарзандон огоҳ шуда, бо мушкилоти онҳо шинос мешаванд. Инчунин шавҳар аз мушкилиҳои зан ва он чи дар давоми рӯз бо ӯ рух медиҳад, огоҳ мешавад, ӯро маъзур медорад ва саъю кӯшиши ӯро, ки харҷ кардааст, қадр мекунад ва бо ӯ лутфу меҳрубонӣ менамояд. Инчунин ҳамсар хастагию бемадории шавҳарро дар кору бораш дида, онро ба назар гирифта, ҳамаи талаботи худро бо лутфу нармӣ пешниҳод мекунад.

## 28.

## Ҳамсаратро мадҳу ситоиш намо!

Як сухани зебо ба ҳамсарат муҳаббату саъодати зиёде ба шумо меорад. Бо вуҷуди ҳамин ҳам, кам ҳастанд шахсоне, ки ин амалро анҷом медиҳанд. Гоҳо мешавад, ки ба хона бармегардед ва мебинед, ки ҳамсаратон беҳтарин либос ба бар кардаву сару сурати худро ба беҳтарин ваҷҳ оро додааст ва шумо ҷаҳду кӯшишеро, ки ӯ анҷом додааст, қадр намекунед!

Албатта, ин ҷаҳду кӯшиши зиёдро талаб мекунад. Зан монанди мард нест. Шумо мумкин дар зарфи панҷ дақиқа либосатонро иваз намуда, атри муносиб занед, лекин ҳамсаратон ҳаргиз чунин карда

наметавонад. Агар шумо ин гуна ҷаҳду кӯшишеро, ки ҳамсарат барои шумо анҷом медиҳад, қадр накунед, ӯ шикастаҳол мешавад. Пас, шумо чӣ гуна таърифу тавсиф намудани либоси нави ӯро фаромӯш мекунед? Чӣ гуна ситоиши зебу зинати ӯро, ки ба хотири шумо намудааст, аз хотир мебарoред? Суханони пурмадҳу ситоиш ақли ҳамсаронро мерабояд, онҳоро мутеъи ҳамсаронашон мегардонад ва муштоқи дидори ҳамсаронашон месозад. Пас чӣ гуна мадҳ намудани ҳамсаратро биомӯз, то бо сифатҳову хислатҳои дӯстдоштааш ӯро мадҳ гӯӣ.

Ҳангоме аз мадҳу ситоиш сухан гуфтем, беҳтар аст, ки шавҳарон аз итобу сарзаниш бипарҳезанд, хусусан дар он чи зан аз боби зинат анҷом медиҳад.

# 29.

# Рози ҳамсаратро пӯшида дор!

На танҳо зан бояд рози шавҳарашро нигоҳ дорад, балки мард ҳам бояд сирри ҳамсарашро ҳифз намояд, чун дар фош намудани роз зарари хеле калон ба ҳарду тараф ворид мегардад. Бадтар аз ҳама дар ифшои роз он аст, ки шавҳар сирри ҳамхобагӣ бо хонумашро фош карда, он чи байни ӯ ва ҳамсараш рух медиҳад, ба дигарон ҳикоя кунад. Ин рафтори шайтонист, мӯъмину мусалмон имкон надорад ин амалро анҷом диҳад, зеро мусалмони ҳақиқӣ аз ин амал ҳаё мекунад.

Паёмбар (с) мефармояд: *«Бадтарини мардумон аз рӯи манзалат рӯзи қиёмат дар назди Худованд мардест, ки бо ҳамсараш якҷо мешавад (ҳамхоба мешавад) ва баъд аз он сирри занро фош мекунад».*[1]

Аз Асмоа бинти Язид (р) ривоят аст, ки мегӯяд: назди Паёмбар (с) будам ва занону мардон низ он ҷо нишаста буданд, пас Паёмбар (с) фармуд: «*Шояд марде ҳаст, ки он амалеро, ки бо аҳлаш анҷом медиҳад, (ба дигарон) бигӯяд ва шояд зане ҳаст, ки аз он коре, ки бо шавҳараш мекунад (ба дигарон) хабар диҳад?!* ».

---

[1] Ба ривояти Муслим.

Мардуми ҳозир буда сокит шуда ҷавоб надоданд, пас ман гуфтам: Оре, савганд ба Худо (ҷ), эй Расули Худо (с), занону мардон ин амалро мекунанд. Расули Худо (с) фармуд:

«*Чунин корро накунед, чун анҷом додани ин амал монанди амали шайтонест, ки бо шайтони дигаре дар роҳ вомехӯрад, пас, бо ӯ якҷо мешавад, дар ҳоле ки мардум ба онҳо нигариста истодаанд*».[1]

## 30.

## Ҳуқуқи ҳамсаратро ҳифз намуда, онро зоеъ магардон!

Аз ҳама аламовар барои инсон ин аст, ки ҳаққашро дигарон поймол кунанд, хусусан ҳангоме ки шахси поймолкунанда наздиктарин шахс барояш бошад. Дар он вақт аз муҳаббат байни онҳо асаре боқӣ нахоҳад монд ва шояд он меҳру муҳаббат ба душманӣ табдил гардад.

Аз Муъовия ибни Ҳийда (р) ривоят аст, ки мегӯяд: ба Расулуллоҳ (с) гуфтам:

- Эй Расули Худо! Ҳаққи ҳамсар чист?

Паёмбар (с) фармуданд: *«Ин аст, ки вақте ки таъом мехӯрад, таъомаш диҳад, вақте ки либос мепӯшад либосаш диҳад ва тақбиҳи ваҷҳ накунад, масалан нагуядаш, ки Худо рӯятро сиёҳ кунад ва дар рӯяш назанад ва дар ғайр аз хона ӯро тарк накунад».*[2]

Ҳангоме шавҳар ҳаққи занашро дар таъому либос поймол мекунад дар ҳоле ки беҳтарин таъомро ва беҳтарин либосро барои ӯ муҳайё намуда метавонанд. Ин ҳангом ҳаққи ӯро поймол кардааст. Инчунин агар дар рӯйи ӯ занад ё ӯро дашном диҳад, ӯро дар ин ҳолат зулм намудааст, пас бояд аз ҳамсараш узр пурсад, то Худованд (ҷ) низ ӯро бубахшад ва ба он амали зишт дигар барнагардад.

[1] Ба ривояти Аҳмад.

[2] Ин ҳадисро Абдовуд ва Ҳоким ривоят кардаанд.

Аз ҷумлаи ҳифзи ҳуқуқи зан ин аст, ки моли ӯро нигаҳбонӣ кунад ва беҳуда сарф нанамояд ва бе иҷозати ӯ онро харҷ накунад. Мардоне, ки бар моли ҳамсарони худ соҳибӣ мекунанд ва онро мувофиқи рағбату ҳавою ҳаваси худ сарф мекунанд дар ҳақиқат золим ҳастанд, ки бар ҳуқуқи дигарон таҷовуз намудаанд. Шахсе, ки маҳри ҳамсари худро мехӯрад ва ба ӯ намедиҳад, он шахс монанди зинокорон аст, зеро он маҳреро, ки ҳамсарашро барои ӯ ҳалол мегардонад, гирифтааст.

## 31.

## Байни ҳамсаронат адл кун!

Мушкили бисёре аз касоне ки ба бисёрзанӣ рӯй овардаанд, ин аст, ки байни ҳамсаронашон адл карда наметавонанд ва дар ин ҳолат эшон дар як ҳараҷи шаръӣ воқеъ шудаанд.

Каломи Худованд:

﴿فَٱنكِحُواْ مَا طَابَ لَكُم مِّنَ ٱلنِّسَآءِ مَثۡنَىٰ وَثُلَٰثَ وَرُبَٰعَۖ فَإِنۡ خِفۡتُمۡ أَلَّا تَعۡدِلُواْ فَوَٰحِدَةً أَوۡ مَا مَلَكَتۡ أَيۡمَٰنُكُمۡ ٣﴾ النساء: ٣

**«Агар шуморо бими он аст, ки дар кори ятимон адолат наварзед, аз занон ҳар чӣ шуморо писанд афтад, ду, се ва чаҳор ба никоҳ дароваред. Ва агар бими он доред, ки ба адолат рафтор накунед, танҳо як зан бигиред ё ҳар чӣ молики он шавед»** [1]

Агар барои издивоҷ намудан аз як зан зиёдтар эҳтиёҷ дошта бошӣ, пас издивоҷ намо ба ду, се ё чаҳор зан, лекин ба шарте, ки байни онҳо адл намоӣ. Шояд баъзеҳо гӯянд, ки адл намудан ғайримумкин аст. Ин сухани нодуруст аст, вагарна Худованд (ҷ) ҳаргиз бисёрзаниро мубоҳ намегардонид. Баъзеҳо инро аз қавли Худованд (ҷ) истидлол мекунанд:

---

[1] Сураи Нисо, ояти 3.

﴿ وَلَن تَسۡتَطِيعُوٓاْ أَن تَعۡدِلُواْ بَيۡنَ ٱلنِّسَآءِ وَلَوۡ حَرَصۡتُمۡۖ فَلَا تَمِيلُواْ كُلَّ ٱلۡمَيۡلِ فَتَذَرُوهَا كَٱلۡمُعَلَّقَةِۚ وَإِن تُصۡلِحُواْ وَتَتَّقُواْ فَإِنَّ ٱللَّهَ كَانَ غَفُورٗا رَّحِيمٗا ١٢٩ ﴾ النساء: ١٢٩

**«Ҳарчанд бикӯшед, ҳаргиз натавонед, ки дар миёни занон ба адолат рафтор кунед. Лекин якбора ба сӯи яке майл накунед, то дигареро саргаштазане, ки на шавҳар дорад ва на талоқ шудааст, раҳо карда бошед»**[1]

Адле, ки дар ин оят зикр шудааст, адлест, ки дар муҳаббат ва хоҳишоти қалбӣ аст, ки ин ғайриимкон аст, лекин адле, ки дар ояти аввал зикр шудааст, он матлуб ва имконпазир аст ва он адл намудан дар нафақа, ҷои хоб ва муъомалаи некӯ кардан аст. Пас, ояти аввал далолат бар ҳаром будани бисёрзанӣ барои шахсе мекунад, ки аз зулм намудан бар ҳамсараш ба хотири ҳамсари дигараш ё бартар шумо于 ин бар он меҳаросад. Ба ҳамин тариқ, ба шавҳаре, ки бо дуюм зан издивоҷ мекунад лозим аст, ки муҳаббаташ ба ӯ сабаби зулм намудани зани аввала нагардад ва на баръакс. Бар шавҳар воҷиб аст, ки байни онҳо адл намояд ва ба хотири яке ба дигаре ҷабр накунад. Баъзе мардҳо ба ин амр аҳаммияте намедиҳанд, чун аз хатари он чи мекунанд, огоҳ нестанд. Ин ноогоҳии эшон онҳоро ба анҷоми муҳаррамот мерасонад, дар ҳоле ки гумон мекунанд, ки кори ночизеро карда истодаанд.

Зулм дар ин дунё сабаби торикиҳо дар рӯзи қиёмат мегардад ва сахттарин чиз бар зан ин аст, ки ҳамсараш ба ӯ зулмро раво бинад. Пас, бояд шавҳар аз дуъои бади зан бипарҳезад, чун даъвати мазлум мустаҷоб аст.

Барои мо беҳтарин намуна Паёмбар (с) ва зиндагонии ӯст. Эшон бо сабабҳое, ки уламо баён намудаанд ба бисёрзанӣ рӯй овардаанд ва он ҳам баъд аз вафоти ҳамсараш Хадиҷа (р) буд. Бо вуҷуде, ки Хадиҷа (р) саиба буд, боз ҳам ба ин нигоҳ накарда бар болояш издивоҷ накард, зеро, ки ӯро бисёр дӯст медошт ва аёми

[1] Сураи Нисо, ояти 129.

ҷавониашро бо ӯ гузаронид. Ҳангоме ки Расуллулоҳ (с) аз сабаби ҳикмати олияе, ки бар ӯ маъмул буд, бо чанде аз занҳо издивоҷ кард, ҳаргиз ба яке аз онҳо зулм накард ва ба сабаби яке бар дигаре ҷабр нанамуд. Байни ҳамаи ҳамсаронаш адл мекард, бо вуҷуде ки Оиша (р)-ро бисёр дӯст медошт. Ҳар вақте ба ҷанге мерафт, байни ҳамсаронаш қуръа меандохт ва номи касе, ки дар қуръа мебаромад, онро бо худ мебурд. Ҳангоми бемории охири ҳаёташ аз ҳамсаронаш иҷозат пурсид, то дар хонаи Оиша (р) нигоҳубин шавад. Ҳамаи ин адл намудани ӯ (с) байни ҳамсаронаш ва ҳифзи ҳуқуқи онҳо буд.

## 32.

## Бо ҳамсарат хушмуомила бош!

Бузургтарин васила барои ба даст овардани қалби зан ин муъомилаи некӯ кардан бо ӯст. Шавҳари хушмуъомила, хушахлоқ ва хушрафтор шавҳарест, ки ҳарчи байни ӯ ва ҳамсараш рух медиҳад, ҳаргиз ҳамсараш ӯро бад намебинад. Беҳтарини мардум касест, ки бо ҳамсараш муъомилаи нек дорад. Паёмбар (с) мефармояд:

«*Беҳтарини шумо, хубтарини шумо аз барои аҳлаш аст ва ман аз ҳамаи шумо дида, бо аҳлам беҳтарин ҳастам*». Паёмбар (с) моро ба муъомилаи нек кардан бо аҳли хонаводаамон васият намудааст ва ин аз охирин васиятҳои ӯ (с) пеш аз вафоташ дар ҳаҷҷатул – вадоъ буд, ки ҳамаи мусалмонон шоҳиди он буданд. Ин далолат бар бузургии ин васият ва аҳаммияти он мекунад: Паёмбар (с) фармудааст:

«*Огоҳ бошед, ки шуморо дар мавриди занҳо бо хайрхоҳӣ васият мекунам, зеро онҳо ёварони шумоянд ва ғайр аз ин дигар ҳеҷ ҳокимияте болои онҳо надоред, магар ин ки рафтори нописанде аз онҳо сар занад. Пас агар чунин кореро кунанд аз ҳамхобагӣ бо онҳо дурӣ ҷӯед ва бизанедашон заданиислоҳпазирӣ. Пас агар итоъати шуморо кунанд, роҳи дигареро бар зарари онҳо истифода набаред. Огоҳ бошед, ки дар ҳақиқат шумо болои занонатон ҳақ доред ва занонатон низ болои шумо ҳақ доранд ва ҳаққи шумо болои занонатон он аст, ки иҷозати нишастан болои*

*фарши хобатон надиҳанд, барои касе, ки шумо намехоҳед ва иҷозати ворид шудан ба манзилатонро барои касе, ки шумо намехоҳед, надиҳанд. Огоҳ бошед, ки ҳуқуқи онҳо болои шумо ин аст, ки хӯрок ва пӯшокашонро ба ваҷҳи некӯ барояшон муяссар гардонед*»[1]

Ҳусни муъомила намудан дар озор надодани ҳамсар, дар омода намудани либосу хӯроку манзили истиқоматӣ мувофиқи тавонмандӣ ва бухл наварзидан бар ӯ ва фарзандон мебошад. Чун муҳайё намудани нафақа барои зан аз воҷиботи шаръӣ мебошад. Баъзе шавҳарҳо гумон мекунанд, ки нафақа намудани шавҳар бар ҳамсараш аҷру савобе надорад. Ҳаргиз чунин нест, балки ҳар он чизе, ки шавҳар ба ҳамсараш нафақа мекунад, аҷри бузурге дорад. Паёмбар (с) мефармояд:

«*Динореро, ки дар роҳи Худо хайр кардаед ва динореро, ки барои озодии ғуломе садақа кардаед ва динореро, ки ба мискинон нафақа кардаед ва диноре, ки ба аҳлу оилаатон нафақа кардаед, бузургтарини ин садақаҳои шумо аз рӯи аҷр ҳамоне аст, ки ба аҳлатон нафақа кардаед*».[2] Ин маънои онро надорад, ки садақа кардан барои ғайри аҳлу аёл аҷр надорад ва ё савобаш кам аст, ҳаргиз чунин нест, балки ин ҳадис тарғиб бар он дорад, ки нафақа ва нигоҳубини аҳли оила риъоя шавад, зеро инҳо касонеанд, ки дар рӯзи қиёмат аз дигарҳо дида бандаро аввал аз ҳаққи ҳаминҳо пурсида мешавад.

Паёмбар (с) шахсеро ки аҳлу авлоди худро зоеъ месозад ва нафақаву сарпарастии эшонро тарк мекунад, барҳазар дошта фармудааст: «*Кофист барои инсон аз рӯи гуноҳ ин ки шахсеро нафақа медиҳад зоеъ намояд*».[3] Яъне аҳлу авлоди худ ва онҳоеро, ки нафақаашон бар души ӯст зоеъ кунад. Бар ӯ воҷиб аст, ки нафақаи онҳоро фарохтар намояд, агар тавоноии онро дошта бошад.

Каломи Худованд:

---

[1] Ин ҳадисро Тирмизӣ, ибни Моҷ ва дигарон ривоят кардаанд.
[2] Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст.
[3] Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст.

﴿ لِيُنفِقۡ ذُو سَعَةٖ مِّن سَعَتِهِۦۖ وَمَن قُدِرَ عَلَيۡهِ رِزۡقُهُۥ فَلۡيُنفِقۡ مِمَّآ ءَاتَىٰهُ ٱللَّهُۚ لَا يُكَلِّفُ ٱللَّهُ نَفۡسًا إِلَّا مَآ ءَاتَىٰهَاۚ سَيَجۡعَلُ ٱللَّهُ بَعۡدَ عُسۡرٖ يُسۡرٗا ٧ ﴾ الطلاق: ٧

**«Ҳар молдоре аз моли худ нафақа диҳад ва касе, ки тангдаст бошад, аз ҳар чӣ Худо ба ӯ додааст, нафақа диҳад. Худо ҳеҷ касро ғайри он андоза, ки ба ӯ додааст, вазифадор намесозад ва ба зудӣ Худо пас аз сахтӣ осонӣ пеш орад».**[1]

## 33.

## Чӣ гуна ӯро ҳамсари муносиб мегардонӣ?

Баъзе шавҳаронро фикр ё ақидаи «беҳтарини ҳамсарҳо» ҳайрон месозад. Мебинӣ, ки эшон ҳамеша аз худашон мепурсанд: «Оё ҳамсари ман беҳтарин ҳамсар барои ман ҳаст?» Баъзе муҳаққиқон бар ин назаранд, ки ақидаи (беҳтарин ҳамсар) ё (беҳтарин шавҳар) ин як хоби тифлонаест. Дар гӯшае аз зеҳнат сурате нақш баста аст, ки чашмат ҳаргиз ба он барнахӯрдааст ё шояд надонед, ки дар ҳақиқат вуҷуд дорад, ана ҳамон намунаи олии ҳамсарест, ки шумо орзу доред. Агар ба шумо фурсат шавад, ки ба он назар кунед, дар он сифатҳоеро хоҳед ёфт, ки дар падару модаратон мушоҳида намуда будед, хусусан дар модаратон.

Дар лаҳзаҳое, ки ҳоҷати шуморо бароварданд ва рағбати шуморо ризо намуданд, илова бар сифатҳое ки шумо мехостед, ки онҳо худро бо он музайян созанд. Шумо аз ҳамсаратон мехоҳед, ки чунин бошад; дар вақти беморӣ мисли модарат нарм бошаду меҳрубон. Хулоса бонуе, ки шумо орзуяшро доред, ӯро худатон мувофиқи табъатон дар зеҳнатон сохтаед, ки дар ҳаёташ ҳеҷ ташвише ҷуз ба даст овардани ризову саъодатмандии шумо надорад.

Албатта, инчунин ҳамсарро ҳаргиз нахоҳед ёфт ва ин умеду орзуи шумо ҳаргиз дар амал пиёда намешавад.

---

[1] Сураи Талоқ, ояи 7.

Зеро аксар ҳамсарро мебинед, ки дар навбати худ аз шумо муҳаббату саъодатро металабад ва мехоҳад дар худ ҳамсари намунавиеро бинад, ки шумо онро барояш месозед. Аз ҳамин ҷост, ки агар (шумо ва ҳамсаратон) ин намунаи олиятонро дар равшании воқеъиятҳо аз сари нав дида набароед, издивоҷи шумо он чиро ки шумо таваққуъ менамоед, нахоҳад ба бор овард.

Ин илова бар он аст, ки модар табиъатан тифлашро дӯст медорад ва омодаи фидо намудани ҷони худ барои ӯст. Ин амри фитрист, ки дар вуҷуди ӯ офарида шудааст, аммо ҳамсаратон ин отифаву аз худгузариҳоро аз куҷо дорост? Модаратон мумкин шуморо бе пешкаш намудани узр бубахшад, аммо ҳамсаратон бошад, барои оддитарин сабаб аз шумо меранҷад. Ҳақиқати амр ин аст, ки шавҳар бояд воқеъӣ бошад ва дар хобу хаёли дур аз ҳақиқат фурӯ наравад. Шавҳар ҳар коре кунад ва ҳар ҷое биҷӯяд ҳаргиз ҳамсареро намеёбад, ки муомилаи модарро пурра анҷом диҳад. Агар шавҳар дар пайи чунин фикр афтад ӯ ҳаёти худро зоеъ кардааст ва ҳаргиз он чиро ҷустуҷӯ дорад, нахоҳад ёфт. Дар ҳақиқат издивоҷ намудан, ин доду гирифт аст. Агар мехоҳӣ, ки ҳамсарат нисбат ба шумо ҳалиму меҳрубону дӯст бошад, пас бояд шумо низ нисбати ӯ чунин бошед.

## 34.

## Дар тоъату ибодат ёвари ҳам бошед!

Беҳтарин амре, ки саъодату хушбахтиро байни зану шавҳар бардавом месозад, ин дастгирии ҳамдигар дар тоъату ибодат аст ва ин, ки вақтеро барои анҷоми ибодате бо ҳам махсус бигардонанд ва якҷоя анҷом диҳанд. Масалан вақтеро баъд аз фориғ шудан аз адои амалҳояшон махсус гардонида ҷузъе аз Қуръонро бо ҳам бихонанд. Ё яке аз эшон дигареро бедор намуда, ду ракъат намози таҳаҷҷуд дар дили шаб бигузоранд ва шабзиндадорӣ кунанд. Ин ба таҳқиқ байни эшон муҳаббатеро зиёд мекунад ва ҳаёти онҳоро саъодатманд мегардонад. Ин дар дунёст, аммо дар охират беҳтарин аҷрро насиб хоҳанд гашт, иншоаллоҳ.

Паёмбар (с) мефармояд: *«Ба дурустӣ, мард ҳар вақте ҳамсарашро дар дили шаб бедор намуда, бо ҳам ду ракъат намоз мегузоранд, аз зумраи касоне навишта мешаванд, ки Худовандро бисёр зикр мекунанд».*[1]

Боз мефармоянд:

*«Худованд раҳмат намудааст, мардеро, ки ҳамсарашро шабонгоҳ бедор кунад, пас агар ибо меварзад, ба рӯи ӯ об мепошад ва раҳмат кардааст Худованд занеро, ки шабонгоҳ хеста шавҳари худро бедор мекунад, пас агар ибо меварзад бар рӯяш об мепошад».*[2]

Барои чӣ дар тоъату ибодат ҳамдигаро кӯмак ва ташвиқ намекунем? Барои чи шавҳар занашро ба тоъати Худованд (ҷ) ва мудовамат бар он насиҳат намекунад? Барои чӣ ӯро ба намозу садақаву закот додан амр намекунад?

Худованд (ҷ) аз ҳазрати Исмоил (а) ҳикоят карда мефармояд:

﴿ وَكَانَ يَأْمُرُ أَهْلَهُۥ بِٱلصَّلَوٰةِ وَٱلزَّكَوٰةِ وَكَانَ عِندَ رَبِّهِۦ مَرْضِيًّا ٥٥ ﴾ مريم: ٥٥

**«Ва хонадони худро ба намозу закот амр мекард ва назди Парвардигораш шоиставу писандида буд»**[3]

Ин оят моро ба иқтидо намудан ба ҳазрати Исмоил дар ин амр мекунад. Чӣ гуна ин тавр набошад, ки Худованд (ҷ) мефармояд:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ قُوٓا۟ أَنفُسَكُمْ وَأَهْلِيكُمْ نَارًا وَقُودُهَا ٱلنَّاسُ وَٱلْحِجَارَةُ ٦ ﴾ التحريم: ٦

**«Эй касоне, ки имон овардаед, худ ва хонаводаи худро аз оташе, ки ҳезуми он мардум ва сангҳо ҳастанд, нигаҳ доред»**[4]

Мусалмон бояд аввал худро ислоҳ намояд ва аз оташи дӯзах худро нигоҳ дорад, баъд аз он ғайри худро даъват кунад ва беҳтарини мардумон барои даъват намудан аҳлу оилаи ӯст.

---

[1] Ин ҳадисро Абудовуд, Ибни Ҳаббон ва Ибни Моҷа ривоят кардаанд.

[2] Ин ҳадисро Абудовуд, Насоӣ, аҳмад,ибни Ҳаббон ва Ҳоким ривоят кардаанд.

[3] Сураи Марям, ояти 55.

[4] Сураи Таҳрим, ояти 6.

Ин дар хусуси воҷибот аст, лекин шавҳари донову оқил ба воҷибот иктифо намекунад, балки аҳли хонаводаашро ба анҷоми суннату нафлҳо насиҳат мекунад. Паёмбар (с) аз назди хонаи духтараш Фотима (р) мегузашт ва дари ўро мекўбид дар ҳоле, ки ў ва ҳамсараш Алӣ (р) хуфтаанд, ба онҳо мегуфт: *«Оё шумо намоз намегузоред?»* [1]

Ба таҳқиқ Ў (с) эшонро ба гузоридани намоз нафл ва наздикӣ ҷустан ба Худованд (ҷ) насиҳат мекард, на танҳо ба пойбанд будан ба фароиз.

## 35.

## Аз хонаканораҷўӣ накунед!

Мумкин барои бисёре аз шавҳарон нишастҳои дўстдоштаи онҳо ин нишастҳои тарабхонаву чойхонаҳо ва ғайра бошад, то аз фазои хонаву оилаву фарзандон ва мушкилоти эшон дур бошанд.

Бо такрор ва истимрори ин амал онро метавон фирори аз хона шуморид ва он чизе аст, ки алоқаҳои заношавҳариро сарду тира мекунад ва байни зану шавҳар фосила эҷод мекунад, чун шавҳар ба ҷои рў ба рў шудан бо мушкилоти худ бо ҳамсараш ё ҳамроҳӣ бо фарзандонаш аз хона мегурезад ва муддатҳои тўлонӣ дар берун аз манзил боқӣ мемонад. Ин табъан ҳалли мавзуъ нест, балки корро мушкилтар мегардонад, зеро мушкилоти хурд болои ҳам омада бузург ва ғайри қобили ҳал мегардад.

Беҳтар барои шавҳар ин аст, ки бо мушкилоти хонаводааш рў ба рў шавад на ин ки аз он гурезад. Бо ҳамсаратон нишаста он чи байни шумо нофаҳмиҳо ҷой дорад, бо ҳусни тафоҳум ҳал намоед.

Агар мушкили ҳалнопазир ё монанди он бошад, кўшиш кунед, ки созише ёбед бо ҳамсаратон. Агар чунин намудӣ, ҳаёти заношавҳариатро хеле осуда ва хушбахт хоҳӣ ёфт. Бояд шумо аз ин ҳадиси Паёмбар (с) огоҳ бошед, ки мефармояд *«Аҳли шумо бар*

---

[1] Ин ҳадисро Бухорӣ ва дигарон ривоят кардаанд.

*шумо ҳақ дорад*».[1] Пас ҳамеша онҳоро тарк накунед, балки ба шумо лозим аст, ки ҳамроҳи эшон нишинед, аз ҳоли онҳо огоҳ шуда насиҳаташон кунед.

## 36.

## Ба гузашта салавот!

Аз ҷумлаи сабабҳое, ки мушкилоти хонаро зиёдтар мегардонад, ин аст, ки шавҳар ҳамсарашро аз он чи гузаштааст, хотиррасон намуда мегӯяд оё чунин ва чунон нанамуда будӣ? Бо вуҷуди гузаштани муддатҳои тӯлонӣ аз он амалҳо ин амр ҳамсарро ғамгин месозад ва гумон мекунад, ки шавҳараш ӯро бад мебинад, чун он амалҳои гузаштаро ба ёд меорад, дар ҳоле ки муддати зиёде аз он гузаштааст ва он мавзӯъ ба поён расидааст?! Пас, чӣ лозим аст, ки дубора ба он мавзӯъҳо баргардад?

Дар ҳақиқат ин гуна амалкард ҷароҳатро дубора месабзонад, халалҳоеро, ки ислоҳ шудаанд, боз ба миён меорад, ҳар гуна амре, ки бошад набояд, шавҳар мушкилоти гузаштаро ёдовар шавад, дар ҳоле ки ҳалли худро ёфтааст.

Масъалаи дигар ин аст, ки гоҳо мешавад, ки зан гузаштаи муъайяне бо худи ҳамин шавҳараш дорад ё ҳамроҳи шавҳари дигараш, монанди ин ки бева монда бошад ё талоқ шуда бошад, пас дар ин ҳолатҳо шавҳар набояд ӯро аз шавҳари аввалааш хотиррасон кунад ва ин ки ӯ аз он шавҳараш беҳтар аст ва ғайраву ғайра. Инчунин агар шавҳар гузаштаи муъайяне бо дигар зан дошта бошад, пас набояд он занро дар назди занаш ёдовар шавад, то онро айбҷӯӣ кунад ё гӯяд, ки ӯ аз шумо беҳтар буд! Зеро ин амал оташи ғайратро (нангу номусро) дар қалби зан бармеангезад, магар дар ҳоле ки зани аввалӣ, масалан вафот намуда бошад ва шавҳар ӯро ба ёд оварда гӯяд, ки некӯкору мӯъмин буд ва ба ӯ раҳмат гӯяд, то бошад, ки ин зан ба ӯ иқтидо ва пайравӣ кунад. Ҳамчуноне ки Паёмбар (с) аз Хадиҷа (р) сухан мегуфт, чун ӯ хидмати зиёд ва

---

[1] Муттафақун ъалайҳӣ.

ҷонбозиҳои бешуморе дар роҳи даъвати дини мубини ислом намуда буд.

## 37.

## Нагузор касе дар ҳаёти заношавҳарии шумо дахолат кунад.

Ҳаёти заношавҳарӣ ҳаётест, ки сифат ва хосиятҳои худро дорад. Ҳамчунон хусусиятҳоеро дорост, ки набояд касе аз он иттилоъ ёбад, агар маслиҳате барояш дар он вуҷуд надошта бошад. Ҳарчанд васиятҳову насиҳатҳо ба яке (аз зан ё шавҳар) зиёд шавад, ҳамон қадар мушкилот меафзояд ва саъодату хушбахтӣ дур мешавад. Ҳамсар дӯст намедорад, ки касе амру фармону шартҳои худро бар хилофи шавҳараш болои ӯ бор кунад.

Барои мисол модари шавҳар ё падараш дар заношавҳарии онҳо дахолат мекунад, тавре ки яке аз онҳо фикри худро дар корҳое ки хоси зану шавҳар аст, иброз мекунад, ё яке аз онҳо ҳамсарро ба кори муайяне фишор меорад. Ин амрест, ки ҳассосияти ҳамсарро нисбати онҳо зиёдтар мекунад ва мушкилотро байни занушавҳар меафзояд. Ин гуна воқеъаҳо ғолибан бар зану шавҳаре рух медиҳад, ки бо падару модари шавҳар якҷо зиндагӣ мекунанд.

Аҳёнан падари шавҳар келинашро (сунҳорашро) ба анҷоми баъзе корҳо амр мекунад ва сунҳор наметавонад ӯро нофармонӣ кунад ва чун ӯ ин корро беҳуда меҳисобад, дилгир мешавад. Ё писарашро ба иҷрои корҳое амр мекунад, ки хоси келинаш ҳаст ва ӯ ин корро дахолат дар умури заношавҳарии худ мепиндорад. Ин корҳо ҳамсарро ба он водор месозад, ки шавҳарашро фоқиди шахсият пиндорад ва дар наздаш беэътибор гардонад.

Ҳақиқатан, итоъати волидайн воҷиб аст, лекин дахолати онҳо дар ҳаёти заношавҳарии фарзандон ин амрест, ки робитаи заношавҳариро фосид месозад, магар дар ҳоле ки падар ё модар донад, ки келин ,масалан ҳамсари фосидулахлоқ аст ва мумкин писарашонро дар мушкилот андозад. Дар ин ҳолат, насиҳат кардан як амри зарурист ва боке надорад. Ин амрест, ки паёмбар Иброҳим

(а) бо фарзандаш Исмоил (а) анҷом додааст. Ҳангоме ки Иброҳим (а) писараш Исмоилро дидорбинӣ меравад ва ӯро намеёбад, аз келинаш ҳоли эшонро мепурсад ва ӯ аз сахтии аҳволи худ ва Исмоил шикоят мекунад.

Иброҳим (а) аз ин бархӯрд бо ҳамсари писараш, ба хулосае меояд, ки зани ғайри солиҳа аст ва барои ҳамсари Исмоил (а) будан, лоиқ нест. Бинобар ин, ба ӯ фармуд: ҳар вақте Исмоил (а) омад, ба ӯ бигӯ: пирамарде бо чунин сифатҳо омада буд, шуморо салом гуфт ва амр кард, ки «поёни (санҷидарии) дари худро тағйир диҳад». Ҳангоме ки Исмоил (а) омад ва ҳамсараш ӯро аз ин амр огоҳ намуд..

Гуфт : «Он пирамард падари ман аст ва маро амр намудаст, ки туро талоқ диҳам ва инак ту озод ҳастӣ». Ба ҳамин тариқ Исмоил (а) занашро талоқ дод. Лекин дахолати бисёри падару модар дар ҳаёти заношавҳарии писарашон ва ба таври мустақим амр намудани ҳамсари писарашон амрест, ки хатарҳои зиёд дорад. Инчунин ғайри падару модар баробар аст, ки бародар бошад ё рафиқ, набояд дар ҳаёти ҳамдигар дахолат кунанд. Хусусиятҳои ҳаёти заношавҳарии худро бояд ҳифз намоед, то саъодату хушбахтӣ насибатон гардад.

## 38.

## Аз издивоҷи ғалат барҳазар бош!

Баъзе шавҳарҳо барои таҳқиқи ҳадафи муайяне издивоҷ менамояд: Масалан, баъзеҳо зани сарватмандеро ба хотири молу дороиаш ба занӣ мегиранд. Баъзеҳо занеро, ки соҳиби обрӯву эътибори дар ҷомеъа ҳаст, ба занӣ мегиранд, то шӯҳрат пайдо кунанд . Издивоҷе, ки бар асоси ҳамин ҳадафҳо барпо шудааст, издивоҷи ноком аст ва он ҳам бо чанд сабаб; яке аз ин сабабҳо ин аст, ки ин издивоҷ бар асоси ғалат ва хато бунёд шудааст,зеро асоси дурусте, ки мусалмон бар он бояд издивоҷ намояд, дин аст. Пас бояд зани соҳибдину мусалмон ва пойбанд ба аҳкоми динро ба занӣ гирад. Ҳадафаш аз издивоҷ набояд молу маконати иҷтимоъии

зан бошад, балки ҳадафаш фарзандони солеҳ ба дунё овардан ва аз ҳаром худро нигоҳ доштан бошад.

Шахсе, ки ба ҳадафи нигоҳ доштани шармгоҳаш аз зино ва ҳифзи назараш аз муҳаррамот ва ба дунё овардани фарзандони солеҳ издивоҷ мекунад, Худованд (ҷ) ба ӯ ва ҳамсараш, баракат ато мекунад. Аммо шахсе ки ба ғайр аз ин ҳадаф издивоҷ мекунад зиёну зарар хоҳад дид. Паёмбар (с) мефармояд:

«*Занро барои чаҳор чизаш издивоҷ мекунанд: барои молаш, барои зебоиаш, барои насабаш ва барои диндориаш, пас ба соҳибдин даст ёбед, то баракат ёбед*».[1]

Аз ҷумлаи сабабҳои нокомии издивоҷе, ки бар асосҳои ғалат барпо шудааст, ин аст, ки шавҳараш ҳаргиз хушбахтию саъодати заношавҳариро намебинад, зеро ӯ ҳамсарашро барои ҳадафи муайяне издивоҷ намуда буд ва ҳамсараш инро дарк хоҳад кард ва ӯро дӯст нахоҳад дошт, чун медонад, ки ба хотири молаш ӯро ба занӣ гирифтааст ва ин амр ӯро ҳини таъомули моддӣ ҳарис мегардонад ва шояд бахилӣ карда ба ӯ надиҳад ва бо ҳамин мушкилиашон даҳчанд гардад. Гоҳ шахс ба хотири ҳоҷати дохилии худ издивоҷ мекунад ва ҳадафаш аз издивоҷ ҳамон мебошад ва агар ҳоҷаташ бароварда нашавад, ҳаёти пурташвишиеро ба сар мебарад. Барои мисол шахсе, ки падару модарашро дар тифлӣ аз даст додааст ва аз эҳсоси атфу меҳрубонӣ маҳрум мондааст, мехоҳад издивоҷ намояд, то иваз бар онро ёбад. Ин шавҳар шояд он чиро ки меҷӯяд наёбад, зеро ҳамсар ҳаргиз дар лутфу меҳрубонӣ монанди модар намешавад. Ҳамсар чуноне ки ба шавҳараш муҳаббаташро арзонӣ медорад ӯ низ ба он чиз ниёз дорад. Издивоҷ додугирифт аст. Аммо модар муҳаббаташро арзонӣ медорад ва мунтазири музду фоида намебошад, ӯ табиъатан бо муҳаббати фарзандаш офарида шудааст.

Бале, агар аз ҳамсарат орзуи муҳаббат дорӣ, онро хоҳӣ ёфт, лекин шумо низ бояд ӯро дӯст доред. Шумо на бояд ба ин бовар бошед, ки ӯ бояд муҳаббаташро ба шумо бе муҳаббати тарафайн арзонӣ дорад.

---

[1] Муттафақун ъалайҳӣ.

# 39.

## Ба саломатии ҳамсарат аҳамияти ҷиддӣ бидеҳ.

Зан нисбат ба масъалаи сиҳатию беморӣ ҳассосияти шадиде дорад. Баъзе занҳо гоҳо эҳсоси беморӣ мекунанд, дар ҳоле ки бемор нестанд, лекин ин маънои онро надорад, ки дар ташхис намудани ҳолати ӯ мо саҳлангорӣ кунем, зеро зан гумон мекунад, ки шавҳараш ки ӯро ба назди табиб дар вақташ намебарад, нисбати ӯ бетафовут ё марги ӯро мехоҳад. Бинобар ин, ба шавҳар лозим аст, ки дар ҳоли ҳоҷатманд шудани ҳамсараш, ба назди табиби мутахассис ӯро фавран барад, ба хотире, ки ин амрест воҷиб болои шавҳар.

Инчунин шавҳар бояд аз ҳоли ҳамсараш дар давоми муъолиҷа гирифтанаш назорат кунад ва ӯро аз истеъмол кардан ё накардани даво пурсад. Зеро зан бисёр вақтҳо фаромӯш мекунад, пас ба шавҳар лозим меояд, ки ӯро хотиррасон кунад. Инчунин ба шавҳар воҷиб аст, ки ба саломатии ҳамсараш ба таври умум аҳамияти ҷиддӣ диҳад, на фақат ба назди табиб бурдану бас, балки бояд ба ӯ нишон диҳад, ки ба саломатии занаш аҳамияти ҷиддӣ медиҳад ва дар сиҳат шуданаш хушҳол мегардад. Дар ҳоли бемории зан кӯмак намуданро набояд фаромӯш кунад. Бояд ӯро ба суханони нарм ва зуд шифо ёфтанаш ба хости Худованд (ҷ) дилдорӣ ва тасаллият диҳад ва огоҳ созад, ки Худованд (ҷ) бо ин бемори гуноҳони бандаи мусалмонро пок месозад ва ин амри хайр аст.

# 40.

## Дар хурсандиҳо ӯро шарик бисоз!

Баъзе муҳаққиқон бар ин назаранд, ки шавҳар бояд ғаму андӯҳи худро аз ҳамсараш бипӯшад ва ӯро аз мушкилиҳову камбудиҳояш огоҳ насозад, чун худи ӯ низ мушкилот дорад ва набояд аз тавоноияш зиёд бар ӯ фишор ворид намуд. Ба шавҳар лозим аст, ки дар рӯ ба рӯи ҳамсараш табассум намояд ва аҳёнан

хушҳолию хурсандии сохтакорона намояд, то ин ки бар фазои хона ғаму андӯҳ фуруд наояд.

Ин дар хонаест, ки шавҳар гирифтори мушкилоти муайяне бошад ва ё камбудию нохушии хосе дар корҳояш дошта бошад. Аммо, баръакс ҳангоме, ки шавҳар дар ҳолати хуб бошад ё хабарҳои хушнуд кунанда дошта бошад, пас бояд ба зудӣ ба зану фарзандонаш онро расонад ва хушҳолашон созад. Ҳамеша кӯшиш намояд, ки дар фазои хона хушҳолию хурсандӣ ҳукмрон бошад, яъне ғаму андӯҳе ки хоси шумо ҳастанд, аҳёнан бояд фаромӯш созад, хусусан ҳангоме ки боду ҳаво нохуб бошад ва доимо ҳамсаратро дар хурсандию хушҳолият шарик дон. Агар дар кори шумо ба таври доимӣ камбудию мушкилиҳо бошад, пас лозим нест, ки ба сабаби он ҳамеша фазои хонаро бо ғаму андӯҳ олуда созӣ ва нагузоред, ки ҳамсаратон бо ин мушкилоти шумо мутаъассир гардад.

Ҳамаи мушкилот ва ғаму андӯҳатро ҳини даромадан пушти дар бигузор ва бо табассуми ширин намуда вориди манзилат гард ва бо аҳли оилаат осудаву хушҳол зиндагӣ кун. Дар ин сурат саъодати ҳақиқии заношавҳариро ёфта метавонӣ.

## 41.

## Дар ҳоли сафар намудан ба ӯ нома навис ва аз ҳолаш бипурс!

Гоҳо шароити ногувори зиндагӣ ва камбудию норасоии он шавҳарро маҷбур месозад, ки ба хотири ба даст овардани ризқу рузии зану фарзандон манзилашро тарк намояд. Дар ҳолати сафар намудан якчанд масъаларо шавҳар бояд риъоя намояд:

1. Муддати тӯлонӣ набояд ғоиб бошад: зеро ин амал сабаби азияти ҳамсараш мегардад, чун бо дарду алами ҷудои ва маҳрумият аз муҳаббат ва лутфу меҳрубонии шавҳар дар муддати сафари ӯ рӯ ба рӯ мешавад. Тавре ки донишмандони соҳаи равоншиносӣ мегӯянд: «Ғоиб будан ба муддати кӯтоҳ аз назди ҳамсар гоҳо муфид ва зарурӣ мебошад, лекин ба муддати тӯлонӣ ғоиб будан ба ҳамсар ва ба алоқаи заношавҳари зарари зиёд дорад». Ҳамсар бар

шавҳар ҳуқуқи зиёде дорад ва ғоиб будани шавҳар муддатҳои тўлонӣ ҳуқуқи зиёди ўро поймол мекунад.

2. Шавҳар дар муддати сафараш, яъне мусофир буданаш, бояд, ки ҳамеша бо ҳамсараш дар тамос бошад ва номаи зиёд барояш нависад, то аз ҳоли ў мутмаин гардад ва аз шароити ў ва фарзандон ва он чи ҳоҷат доранд, огоҳ шавад ва ба онҳо фиристад.

3. Ба қадри кофӣ хўроку либоси зану фарзандонашро омода карда равад ё барои онҳо маблағе равон кунад, ки эҳтиёҷоташонро муддати мусофир буданаш бароварда созанд ва дар ҳеҷ чиз барои онҳо бахилӣ накунад ва ҳамеша ин фармудаи Худоро ба ёд орад:

Каломи Худованд:

﴿ لِيُنفِقْ ذُو سَعَةٍ مِّن سَعَتِهِۦ ﴾ الطلاق: ٧

**«Ҳар молдоре аз моли худ нафақа диҳад».**[1]

## 42.

## Талабҳоятро равшан намо ва саросема мабош!

Бисёр вақтҳо мушоҳида мекунем, ки шавҳар бо ҳамсараш ихтилоф намуда, масалан, мегўяд: оё аз шумо чунин ё чунон талаб нанамуда будам? Ҳамсар мегўяд: на, ҳаргиз чунин нашунида будам. Ин ба хотирест, ки шавҳар талабҳои ғайри возеҳ мекунад, бинобар ин сабаби нофаҳмие мегардад, ки байни ў ва ҳамсараш воқеъ мегардад ва натиҷааш бад гаштани алоқа байни онҳо ва дур шудани меҳру муҳаббат мебошад. Пас, ҳангоме ки шавҳар сухан мегўяд, бояд равшану возеҳ сухан гўяд. Баъзе шавҳарҳо мегўянд: ман як бор гап мезанам ва бояд онро шунавад!

Ин сухан нодуруст аст. Ҳар инсонро эҳтимол аст, ки бори аввал суханро нашунавад. Чи зарар дорад, ки суханатонро як ё ду бор такрор кунед, то касоне ки нашунидаанд бишунаванд?! Паёмбар (с) суханашро такрор мекард, то касоне нашунидаанд ва нафаҳмидаанд бишунаванд ва бифаҳманд. Ходими Расули Худо (с) Анас (р) мегўяд: «*Паёмбар (с) ҳини сухан гуфтанаш калимаеро се*

[1] Сураи Талоқ, ояти 7.

*бор такрор мекард, то онро бифаҳманд ва ҳар вақте назди ҷамоъате аз мардум меомад ва ба онҳо салом медод, се маротиба салом медод».*

## 43.

## Дар ҳоли рашк намуданаш ӯро риъоя намо ва маъзур дор.

Дар ҳақиқат рашки зан аз рашки мард фарқ мекунад. Рашки зан рашки отифист. Ӯ аз ин ки шавҳар ғайри ӯро дӯст дорад рашкаш меояд. Гоҳе аз ҳусни муъомилаи шавҳараш бо дигар зан гарчанде бидуни қасд бошад рашк мекунад, ҳатто аз дигар зан дар наздаш сухан гӯяд, рашк мекунад. Пас бояд шавҳар ин амрро дар ҳамсараш риъоя намояд: он ҳам бо тариқи зайл:

1. Дар бораи дигар зан набояд, назди ҳамсараш сухан гуфта ӯро ситоиш намояд ва хубиҳояшро баён кунад.

Ҳангоми рашк намудани ҳамсараш аз дигар занҳо ӯро маъзур дорад. Зан ҳини рашк намуданаш, он чи ки мекунад ё мегӯяд худ намедонад! Дар ҳадиси Паёмбари Худо (с) омадааст: *«Зане ки ғайрати (рашк) зиёд дорад поёни водиро аз болояш дида наметавонад».*[1]

Ҳодисаҳои рашки ҳамсарони Паёмбар (с) аз ҳамдигар хеле зиёд буданд ва ҳадиси «мағофир»[2] машҳур аст ва далолат бар шиддати рашк зан мекунад ва ин ки зан дар ҳолати рашк намуданаш корҳое анҷом медиҳад, ки худаш баъдан пушаймон мешавад.

Оиша (р) мегӯяд: «Паёмбар (с) назди Зайнаб бинти Ҷаҳш (р) меистод ва асал тановул мекард. Мегӯяд: пас, ману Ҳафса (р) маслиҳат намудем, ки кадом яке аз ҳардуи моро наздаш Паёмбар (с) дохил шавад, мегӯем: Аз шумо бӯи мағофир меояд ё мағофир хӯрдаӣ?! Пас назди яке аз онҳо дохил шуд ва ба ӯ (с) чунин

---

[1] Ин ҳадисро Тиброний ривоят кардааст.

[2] «Мағофир» ҷамъи калимаи «мағфур» мебошад ва мағзи ширинест, ки бӯи бад дорад. Аз дарахте истихроҷ мешавад, ки онро «ирфит» гӯянд, ки дар Ҳиҷоз мерӯяд.

гуфтанд, Расули Худо фармуд: *«Балки назди Зайнаб бинти Ҷаҳш асал тановул кардам ва ҳаргиз барои тановули он барнамегардам».* Ин ҳангом ояти Қуръони нозил шуд:

Каломи Худованд:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِيُّ لِمَ تُحَرِّمُ مَآ أَحَلَّ ٱللَّهُ لَكَ ﴾ التحريم: ١

**«Эй паёмбар, чаро чизеро, ки Худо бар ту ҳалол кардааст, ба хотири хушнуд сохтани занонат бар худ ҳаром мекунӣ?»[1]**

То ин ҷо, ки мефармояд:

﴿ إِن تَتُوبَآ إِلَى ٱللَّهِ فَقَدۡ صَغَتۡ قُلُوبُكُمَا ﴾ التحريم: ٤

**«Агар шумо ду зан тавба кунед, беҳтар аст, зеро дилҳоятон аз ҳақ (каме) бозгаштааст»[2]**

Ин ҷо мурод Оиша ва Ҳафса аст.[3]

Бидон рашк бо Оиша ва Ҳафса чӣ кард? Онҳоро ба ин оварда расонид, ки ба Паёмбар (с) гӯянд, ки даҳони шумо бӯи «мағофир» мекунад, то назди Зайнаб бинти Ҷаҳш асал тановул накунед, зеро онҳо аз Зайнаб (р) рашкашон меомад. Ин бо ҳамсарони Паёмбар (с) рух додааст, пас ҳамсарони мо чӣ гуна хоҳанд буд? Пас, шавҳар бояд ғайрати занашро қадр кунад, бо ӯ дуруштӣ накунад, мунтазир шавад, то ин ки ором шавад бо нармӣ ва ҳикмату дониш бо ӯ сухан гӯяд. Дар ҳадиси гузашта ишора аст бар ин ки Паёмбар (с) аз ин ки яке аз занҳояш аз даҳони ӯ (с) бӯи бад эҳсос кунад, бадаш меомад. Аз ин рӯ вақте ки гумон намуд, ки сабаби бадбӯи асал аст фармуданд:

*«Назди Зайнаб (р) асал тановул кардам ва ҳаргиз ба он барнамегардам»,* яъне то ки бӯи бад дигар такрор нашавад. Табъан он дуруст набуд ва даҳони ӯ (с) ҳеҷ бӯе надошт, лекин нақшае буд, ки аз тарафи Оиша (р) ва Ҳафса (р) тарҳрезӣ шуда буд бар асоси рашкашон нисбати Зайнаб.

## 44.

---

[1] Сураи Таҳрим, ояи 1.
[2] Сураи Таҳрим, ояи 4.
[3] Муттафақун ъалайҳи.

# Дар вақти мусибат ва ҳодисаҳо ҳамроҳи ҳамсарат бош!

Пўшида нест, ки зан нисбат ба мард сабру таҳаммули кам дорад. Бинобар ин ба мард воҷиб аст, ки ҳангоми мусибат дар ҷониби ҳамсараш бошад, ўро собитқадам созад ва аҳаммият диҳад ва фазлу баракати Худованд (ҷ)-ро барояш хотиррасон кунад.

Масалан, падараш  вафот карда аст ё модараш ё ягон наздикаш бошад, дар ин вақт ақли зан дар ҷояш нест, гоҳе гиря мекунад ва гоҳо дод мезанад. Вуҷуди шавҳар дар он вақт аҳаммияти зарури дорад, то занро собитқадам созад ва аз анҷоми корҳои ғалат боз дорад, ки эҳтимоли судури он ҳангоми мусибат вуҷуд дорад.

Анас (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар (с) аз назди зане гузашт, ки барои марги кўдакаш мегирист, пас ба ў гуфт: *«Аз Худованд (ҷ) битарс ва сабр кун»*. Он зан гуфт: Ба мусибати ман аҳаммияте намедиҳӣ. Баъд аз рафтани Паёмбар (с) ба он зан расониданд, ки ў Паёмбар (с) буд. Ин хабар ба ў хеле гарон афтод. Назди дарвозаи Паёмбар (с) шитофт ва дарбоне надид ва ба Паёмбар (с) гуфт: Эй Расули Худо туро нашинохтам. Паёмбар (с) фармуд: *«Сабр назди садама авло аст».*[1]

Дар зоҳир заҷр намудани Паёмбар (с) он занро ва панду андарзҳои ў (с) ба он зан нишон медиҳад, ки ў на танҳо гиристааст, зеро муҷарради гиря намудан барои мурда ҳаром нест, лекин дар зоҳир гиряи ў махлут ба нола буд ва ин муносиби сухани ў (с): «Аз Худо битарс ва сабр кун», мебошад.

Қуртубӣ мегўяд:

«Дар зоҳир гиряаш омехта бо нола ё ғайри он буд, аз ин рў ўро ба парҳезкорӣ амр кард». Дар «Мурсал»-и Яҳё ибни Аби Касир матлабе ба таври зайл ворид шудааст, ки гуфтаҳои болоро таъйид мекунад: «*Пас аз он зан чизе шунид, ки бад медид пас назди ў истод*». Равшану возеҳ аст, ки ҳангоми мусибат бисёри занҳо доду фиғону нола мекунанд, бинобар ин Паёмбар (с) ба он зан фармуд: «*Сабр дар лаҳзаи садамаи аввал аст*», яъне ҳангоми лаҳзаи аввали

[1] Саҳиҳи Муслим (2\637).

шунидани хабар аст, на баъд аз нолаву фиғон. Сабри ҳақиқӣ лаҳзаи шунидани мусибат ва огоҳ шудан аз он аст.

Мусалмон бояд чунин бошад. Барои шавҳар лозим аст, ки ҳамсарашро аз нолаву фиғон ва рӯйканию мӯйканӣ ва амсоли он ҳангоми мусибатҳо, ки феъли мардуми замони ҷоҳилият буд, манъ кунад.

Паёмбар (с) мефармояд: *«Аз мо нест, касе, ки ба рӯяш мезанад, доман пора мекунад ва ба анҷоми корҳои замони ҷоҳилият даъват мекунанд».*[1]

Пас барои ҳеҷ мард ва зани мусалмон ҷоиз нест, ки чунин корро анҷом диҳад ва бар шавҳар лозим аст, ки ҳамсарашро дар сабру таҳаммул намудан ёрӣ диҳад ва ӯро ба раҳмати Худованд (ҷ) ва ризо ба қазову қадари илоҳӣ хотиррасон кунад.

## 45.

## Пайравӣ намудан аз таълими Ислом ҳангоми рӯй гардондани ҳамсар.

Каломи Худованд:

﴿ ٱلرِّجَالُ قَوَّٰمُونَ عَلَى ٱلنِّسَآءِ بِمَا فَضَّلَ ٱللَّهُ بَعۡضَهُمۡ عَلَىٰ بَعۡضٖ وَبِمَآ أَنفَقُواْ مِنۡ أَمۡوَٰلِهِمۡۚ فَٱلصَّٰلِحَٰتُ قَٰنِتَٰتٌ حَٰفِظَٰتٞ لِّلۡغَيۡبِ بِمَا حَفِظَ ٱللَّهُۚ وَٱلَّٰتِي تَخَافُونَ نُشُوزَهُنَّ فَعِظُوهُنَّ وَٱهۡجُرُوهُنَّ فِي ٱلۡمَضَاجِعِ وَٱضۡرِبُوهُنَّۖ فَإِنۡ أَطَعۡنَكُمۡ فَلَا تَبۡغُواْ عَلَيۡهِنَّ سَبِيلًاۗ ٣٤ ﴾ النساء: ٣٤

**«Мардон аз он ҷиҳат, ки Худо баъзеро бар баъзе бартарӣ додааст ва аз он ҷиҳат, ки аз моли худ нафақа медиҳанд, бар занон сардорӣ доранд. Пас занони шоиста фармонбардоранд ва дар ғайбати шӯй афифанд (пок) ва фармони Худоро нигоҳ медоранд. Ва он занонро, ки аз нофармонияшон бим доред,**

[1] Ин ҳадисро Бухорӣ ривоят кардааст.

**панд диҳед ва аз хобгоҳашон дурӣ кунед ва бизанедашон. Агар фармонбардорӣ карданд, аз он пас дигар роҳи зулм пеш магиред!»**[1]

«Нушуз» дар луғат маънои «баландӣ»-ро дорад ва он дар истилоҳ ба таънаи баланд шумоҳидани зан худашро аз шавҳараш ва тарк кардани амри ӯ ва рӯй гардонидан аз ӯст».

Дини мубини Ислом «завобити» (қоидаву қонуни) муайяне гузошта аст, ки дар ҳолати рӯй гардонидани зан аз шавҳар ва тарк намудани амри ӯ шавҳар дар муъомила ба зан онҳоро бояд риоя намояд.

Якумин қоида ё дастур ин «Таддаруҷ», яъне ба тадриҷ, дараҷа ба дараҷа ислоҳ намудани зан аст; аз панду андарз, то тарк намудан дар хобгоҳ ва задан.

Дуввумин қоида ин таҳдиди мусталаҳот аст, масалан, истилоҳи задан, ки дар ҳадиси Паёмбар (с) омада аст: *«Пас бизанед ҳамсаронро задани ғайри маҷрӯҳкунанда» (ғайра мубарриҳин).*[2]

Уламо фармудаанд: Яъне задане, ки ба зан таъсири сахт надошта бошад, масалан, узвашро намешиканад ё ягон узвашро маҷруҳ намесозад ё дарди сахт надиҳад.

Шояд баъзеҳо ҳадисеро ривоят кардаанд, ки аз бисёр хондани он гумон мекунем, ки дуруст аст, вале дар асл мебинем ҳадисест заъиф ва мехоҳем ин ҷо дар бораи он огоҳӣ диҳем. Он ҳодисаест ривоят карда шуда аз Расули Худо (с) ба қавлаш ин ки: *«Мард (рӯзи қиёмат) ба кадом сабаб ҳамсарашро задааст, пурсида намешавад»*. Ин ҳадис ба санади заъиф ривоят шудааст ва баъзеҳо аз ин ҳадис чунин бардошт намудаанд, ки шавҳар чӣ тавре хоҳад, занашро зада метавонад… ва барои ин амалаш пурсида намешавад.

Ин фаҳмиши нодуруст аст. Шайх Ғаззолӣ мегӯяд: «Агар мард чаҳорпоеро азоб диҳад дар ин дунё ва охират пурсида мешавад». Яъне чӣ гуна инсонро мезанад ва аз он пурсида намешавад? Паёмбар (с) аз задан дар рӯй ва қабеҳ сохтани он манъ намудааст. Инчунин аз задани зан ба шиддат монанди задани барда (каниз) манъ намуда фармудааст: *«Яке аз шумо қасд намуда ҳамсарашро*

---

[1] Сураи Нисо, ояти 34.
[2] Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст.

*монанди каниз мезанад ва шояд дар охири ҳамон рӯз бо ӯ ҳамхоба шавад».*[1]

Шайх Ғаззолӣ мефармояд: «Ба дурустӣ задани зан ё зарба дар рӯяш ҷоиз нест. Агар аз занаш ғазабнок шавад, ба хотири рӯй гардониданаш, пас ба қаламе, ки ба он менависад ё бо мисвокаш ё дандоншӯякаш ӯро занад».[2]

Ба дурустӣ задани зан баъд аз он буса кардани он ҳамоқат аст ё бемории равонӣ». Шахсе, ки ҳамсарашро мезанад ва дар охири рӯз ӯро мебусад ва бо ӯ ҳамхоба мешавад, ба камол наздик нест.

Аз Паёмбар (с) омадааст, ки он Ҳазрат ҳаргиз зан ё ходимеро бо дасташ назадааст, магар ин ки дар роҳи Худо (ҷ) ҷиҳод мекарда бошад.

Ин дар хусуси задан буд ва онро аввалан баён намудем, чун бештари шавҳарҳо табиъати ин амрро намефаҳманд ва нисбати он саҳлангорӣ мекунанд. Масалан, задан охирин васила баъд аз панду насиҳат ва тарк намудани зан дар бистари хоб аст. Ҳамчуноне ки задан барои адаб додан гардонида шудааст.

Пас, агар ба нафрат ва ҷудоӣ расонад, ҳеҷ хайре дар он нест, ин василаи бефоида мебошад. Ислом василаест, ки гоҳо бо баъзе мардум фоида меорад ва бо баъзе намеорад. Шавҳари доно касест, ки ҳамсарашро медонад, ки аз кадом навъ аст!

Аммо, дар хусуси тарк намудан дар хобгоҳро муқаррар намудааст, яъне фақат тарк намудани ҳамхобагӣ, пас набояд шавҳар дур хоб кунад ва хонаро тарк кунад, зеро ин сабаби бадбахтии зиёдтар мешавад.

Аммо тарк намудан дар бистари хоб барои мусолаҳа хеле муфид аст, то зан ақлаш дарояд ва шавҳарашро итоъат кунад. Панду насиҳат албата маълум аст, тавре, ки пеш баён намудем.

Шавҳар набояд гумон кунад, ки панду насиҳат маънояш ин аст, ки дар ҳоли хотиб (хутбахон) болои сари зан истода, ӯро аз оқибати маъсият огоҳонад. Шавҳар метавонад чунин кунад, лекин оё зан онро қабул мекунад?

Мавъиза фан аст ва воъиз шахси донову зирак мебошад, на шахсе ки матни китобҳоро ҳифз мекунад, балкӣ медонад, ки чи

---

[1] Муттафақун ъалайҳи.

[2] «Кунузун мина-с-суннати», Шайх Муҳаммад Ғаззолӣ.

гуна шунавандагони худро зери таъсири сухани худ қарор диҳад. Шавҳар низ бояд чунин бошад. Пас, ӯ низ бояд ба қалби ҳамсараш бо пандҳои фақеҳҳона роҳ ёбад.

## 46.

## Худро ҳамеша ҳақ машумор!

Мушкилии баъзе шавҳарҳо ин аст, ки онҳо ҳамеша худро бидуни шак ҳақ шуморида, ҳамсари худро дар ҳақи хеш хатокор меҳисобанд. Ҳар гоҳе ки ихтилофе сар занад ё ягон мушкилие болои сарашон ояд ,сабабашро дар симои занаш мебинад, баъд аз он мехоҳад занаш ӯро дӯст дорад, нисбаташ ихлос дошта бошад!! Чи гуна ин тавр шавад? Эй шавҳари мусалмон, боинсоф бош, ба ҳақ бош, на болои ҳақ Худованд (ҷ) мефармояд:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ كُونُواْ قَوَّٰمِينَ بِٱلۡقِسۡطِ شُهَدَآءَ لِلَّهِ وَلَوۡ عَلَىٰٓ أَنفُسِكُمۡ أَوِ ٱلۡوَٰلِدَيۡنِ وَٱلۡأَقۡرَبِينَۚ ١٣٥ ﴾ النساء: ١٣٥

**«Эй касоне, ки имон овардед, барподорандаи адл бошед ва барои Худо шаҳодат диҳед, ҳарчанд ба зиёни худ ё падару модар ё хешовандони шумо»**[1]

Дар ҳол маломатро болои шарики ҳаётиат наандоз, сабр кун мавзӯъро бо оромӣ омӯз агар хато карда бошӣ онро эътироф кун ин айб нест ё ҳадди ақал ҳамсаратро бо коре, ки накардааст. муттаҳам насоз. Агар саросема шуда, ӯро ба коре муттаҳам сохтед ва баъд аз он дар ёбед, ки ӯ гуноҳ надорад, пас бояд аз ӯ узр пурсед, ё аввалан назди ӯ ҳақиқатро эътироф кунед. Ин гуна амали шумо кароматн ӯро дубора бар мегардонад ва назди ӯ эҳсос мекунед, ки ӯро шумо эҳтиром мекунед ва дар дили шумо ӯ маконе дорад.

[1] Сураи Нисо, ояти135

# 47.

## Пайравӣ намудан аз таълими Ислом дар вақти ҳамхоба шудан бо ҳамсаратон.

Бисёр вақтҳо ҳамсарон ҳангоми алоқаи ҷинсӣ зикри номи Худо (ҷ)-ро аз ёд мебароранд. Ин амри хеле муҳим аст, ҳатто агар рафтаву Худованд (ҷ) фарзанде насиби онҳо гардонад, шайтон ба ӯ зарар намерасонад.

Паёмбари гиромӣ (с) мефармояд: *«Агар яке шумо вақте ки ба аҳлаш наздик шавад, пас бигӯяд: Парвардигоро, дур бигардон маро аз шайтон ва дур бигардон шайтонро аз он чи ризқ додаи моро. Агар дар ин вақт байни онҳо валад афтод, шайтон ба ӯ зарар расонда наметавонад».*[1]

Инчунин аз таълими Ислом барои домоду арӯс ин аст, ки ҳангоми дидори аввалин домод дуъоеро барои арӯс мехонад, ки ҳамааш хайру баракат аст, то Худованд (ҷ) дар вуҷуди он арӯс барои домод баракате ато кунад ва дар ҳаёти заношавҳарияшон онҳоро саъодатманд гардонад. Паёмбар (с) мефармояд: *«Ҳар вақте яке аз шумо занеро ба никоҳи худ даровард, даст ба пешониаш гузорад, номи Худо (ҷ)-ро гирад ва баракат биталбад ва гӯяд: Эй боро Худоё, хайри ӯ ва хайри он чӣ дар ӯ офаридаӣ металабам ва аз шарри ӯ ва шарри он чи дар ӯ халқ кардаӣ ба шумо паноҳ мебарам».* Пас, агар муҷамоъат кунад ва вақти инзол ояд, мустаҳаб ин аст, ки бо худ (дар дилаш) гуяд: **Алҳамдулиллоҳ**.

Каломи Худованд:

﴿ وَهُوَ ٱلَّذِى خَلَقَ مِنَ ٱلْمَآءِ بَشَرًا فَجَعَلَهُۥ نَسَبًا وَصِهْرًا وَكَانَ رَبُّكَ قَدِيرًا ﴿٥٤﴾ ﴾ الفرقان: ٥٤

**«Ӯст, ки одамиро аз об (нутфа) биёфарид ва ӯро насабу пайванд сохт ва Парвардигори ту ба ин корҳо тавоност!»**[2]

Аз одоби Ислом ин аст, ки ҳар вақте шавҳар бо ҳамсараш ҳамхобагӣ кунад, баъд аз он онро иродаи такрор кардан намояд мустаҳаб аст, ки таҳорат созад ё ғусл.

---

[1] Ин ҳадисро Бухорӣ ва Муслим ривоят кардаанд.

[2] Сураи Фурқон, ояти 54

Паёмбар (с) мефармояд: *«Ҳар вақте яке аз шумо бо ҳамсараш ҳамхоба шавад ва онро такрор кардан хоҳад, пас бояд байни онҳо таҳорат намояд, зеро таҳорат сохтан барои дубора анҷом додани амалаш фоидаовар аст».*[1]

Паёмбар (с) ҳангоме ки дар як рӯз назди ҳамсаронаш мерафт, дар назди ҳар яки онҳо ғусл менамуд. Абурофиъ мегӯяд: Эй Расули Худо ҳамаи онро як ғусл нагардонидӣ? Ӯ (с) мефармояд: *«Ин поку беолоиш ва назофат аст».*[2]

Барои шавҳар ҷоиз аст, ки баъд аз бедор шудан аз хобаш ғусл намояд, агар пеш аз бомдод хеста ғусл карда тавонад, то намозро дар ҷамоъат дарёбад. Аммо чунин амал имконнопазир бошад, пас барои шавҳар мустаҳаб аст, ки пеш аз хоб ғусл намояд.

Аз Оиша (р) пурсиданд:

Паёмбар (с) ҳини ҷанобат чӣ кор мекард? Оё пеш аз хоб ғусл мекард ё баъд аз он?

Оиша (р) гуфт:

- Ҳамаи ин корҳоро мекард, гоҳо ғусл карда мехобид, гоҳ таҳорат карда мехобид.

Илова бар он чӣ гузашт, шавҳар бояд донад, ки ҳамхоба шудан бо ҳамсараш ибодат аст, аҷру савоб дорад, пас набояд ниятро фаромӯш кунад. Пас бояд шавҳар ба нияти хушнуд сохтани ҳамсараш ва худ ва фарзандонаш бошад.

Паёмбар (с) фармудааст: *«Ҳамхоба шудан бо ҳамсарат садақа аст».* Гуфтанд: Эй Паёмбар (с) оё яке аз мо шаҳваташро мебарораду баъд аз он ин боз садақа аст? Паёмбар (с) фармуд: «Агар бинед, ки он шаҳваташро дар ҳаром сарф мекунад, оё гуноҳ нест? Пас, агар дар ҳалол сарф кунад, пас барои он аҷр хоҳад гирифт».[3]

---

[1] Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст.
[2] Ин ҳадисро Абудовуд ва Насоӣ ривоят кардаанд.
[3] Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст.

# 48.

## Аз алоқаи ҷинсӣ намудан дар ҳоли ҳайз ё дар қафои зан бипарҳез!

Дини Ислом барои шавҳар алоқаи ҷинсӣ намудан дар қафои занро ҳаром гардонидааст, чун ин амал сабаби фасоду бадиҳои зиёде барои фард ва ҷомеъа мегардад. Ба дурустӣ шавҳаре, ки дар ақиби занаш алоқаи ҷинсӣ мекунад, кореро анҷом медиҳад, ки Худованд (ҷ) онро ҳаром гардонидааст ва ҳамсарашро ба ин амал озори шадиде медиҳад.

Ин гуна мард бояд аз Худованд (ҷ) битарсад ва ба доираи Ислом бозгардад ва амали мисли қавми Лутро тарк намояд.

Паёмбар (с) мефармояд: *«Шахсе ки занашро дар ақибаш алоқаи ҷинсӣ мекунад, лаънат карда шудааст».*[1]

Боз мефармояд: *«Шахсе бо зан дар ҳоли ҳайз ҷимоъ кунад, ё дар қафои зан ҷимоъ кунад, ё назди коҳине рафта, гуфтаҳои ӯро тасдиқ намояд ба дурустӣ ба он чи ба Муҳаммад (с) нозил шудааст, кофир шудааст».*[2]

Аз Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ривоят аст, ки мегӯянд: Умар ибни Хаттоб (р) назди Расулуллоҳ (с) омада гуфт: Эй Расули Худо, ҳалок шудам. Паёмбар (с) фармуд: «Чӣ чиз туро ҳалок сохт?» Умар гуфт:

«Яъне имшаб бо занам ҳамхоба шуда бо ӯ аз роҳи қафо дар фарҷ ҷимоъ кардам. Паёмбар (с) ба Умар чизе ҷавоб надод, пас ин оят ба Паёмбар (с) нозил шуд:

Каломи Худованд:

﴿نِسَآؤُكُمۡ حَرۡثٞ لَّكُمۡ فَأۡتُواْ حَرۡثَكُمۡ أَنَّىٰ شِئۡتُمۡ ٢٢٣﴾ البقرة: ٢٢٣

**«Занонатон киштзори шумо ҳастанд. Ҳар ҷо, ки хоҳед, ба киштзори худ дароед».**[3]

**(Яъне барои ҳамхобагӣ бо ҳамсар мард аз ҳар равише истифода кунад ихтиёр дорад, хоҳ ҳамсарашро ба пушт**

---

[1] Ин ҳадисро Аҳмад ва Абудовуд ривоят кардаанд.

[2] Ин ҳадисро Аҳмад ва дигарон ривоят кардаанд.

[3] Сураи Бақара, ояти 223.

**хобонад, хоҳ ба шикам баҳрабардорӣ аз фарҷ (роҳи пеш) бояд бошад на аз дубур (роҳи қафо)).**

Расули Худо мефармояд: *«Аз роҳи пеш ё қафо ҳамхобагӣ кунед, лекин аз ҷимоъ намудан дар ҳоли ҳайз ё аз қафо парҳез намоед».*[1]

Инчунин барои шавҳар ҷимоъ намудани зан дар ҳоли ҳайз ҳаром аст, аммо ба ӯ як ҷо шудан дар ҳоле ки аз фарҷ парҳез намояд боке надорад.

Каломи Худованд:

﴿ وَيَسۡـَٔلُونَكَ عَنِ ٱلۡمَحِيضِۖ قُلۡ هُوَ أَذٗى فَٱعۡتَزِلُواْ ٱلنِّسَآءَ فِي ٱلۡمَحِيضِ وَلَا تَقۡرَبُوهُنَّ حَتَّىٰ يَطۡهُرۡنَۖ فَإِذَا تَطَهَّرۡنَ فَأۡتُوهُنَّ مِنۡ حَيۡثُ أَمَرَكُمُ ٱللَّهُۚ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلتَّوَّٰبِينَ وَيُحِبُّ ٱلۡمُتَطَهِّرِينَ ٢٢٢ ﴾ البقرة: ٢٢٢

**«Туро аз ҳайзи занон мепурсанд. Бигӯ«Ҳайз нопокист. Пас дар айёми ҳайз аз занон дурӣ гузинед ва ба онҳо наздик машавед, то пок гарданд. Ва чун пок шуданд, аз он ҷо, ки Худо фармон додааст, бо онҳо наздикӣ кунед. Ҳар ойна Худо тавбакунандагонро дӯст дорад!».**[2]

Яҳудиҳо чунин одат доштанд, ки зан чун ҳайз медид, ӯро дар хона дар хурду нӯш тарк мекарданд ва ҳамнишинӣ намекарданд. Пас, дини Ислом бо дигар таълимот омада, ки ҳамнишинӣ ва хурду нӯш кардан бо занро дар ҳоли ҳайз ҷоиз гардонид, магар ҳамхоба шудан бо ӯро.

Паёмбар (с) мефармояд: *«Бо ҳамсари ҳоиза ҳар чӣ мехоҳед анҷом диҳед, магар ҷимоъ намуданро».*[3]

---

[1] Ин ҳадисро Тирмизӣ, Насоӣ ва дигарон ривоят кардаанд.

[2] Сураи Бақара, ояти 222

[3] Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст.

# 49.

## Ҳамсаратро аз назари шайтонҳои инсӣ нигоҳ дор!

Чӣ гуна мард дар байни мардум дасти ҳамсарашро гирифта, дар ҳоле ки занаш, худро зинат дода ва атр задааст, меравад?!

Туро ба Худо (ҷ) савганд медиҳам, эй шавҳари мусалмон, чӣ гуна розӣ мешавӣ, ки марди бегона ба ҳамсарат чашм дӯхта зебу зинат ва қаду қомати ӯро тамошо кунад?!

Оё нисбати ҳамсарат нангу номус надорӣ? Фарз кардем, ки шумо доред, пас барои чӣ ба ҳамсарат иҷозати берун шуданро ба он шакл медиҳӣ? Оё ба хотире, ки шумо ба тасарруфоти ӯ назорат карда наметавонед?! Ё аз оқибати кори худ ва кори ӯ огоҳ нестед?

Ба ҳадиси Паёмбари гиромӣ (с) гӯш диҳед, ки мефармояд:

*«Ду гурӯҳ аз аҳли оташ (дӯзахӣ) ҳастанд, ки онҳоро ман надидаам: Мардуме ҳастанд, ки бо худ қамчинҳо доранд монанди думи гов, бо онҳо мардумро мезананд ва занҳои нимбараҳнаву урён...».*[1]

Уламо мегуянд: Занҳои нимбараҳнаву урён, яъне либоси нозуку тунук мепӯшанд, ки андомашон намоён мегардад ё либоси танг мепӯшанд, ки авраташон намудор мешавад.

Оё ҳадиси Паёмбар (с)- ро шунидаӣ, ки мегӯяд: *«Ҳар зане, ки атр зада, аз назди мардум мегузарад, то бӯи онро бибуянд, пас ӯ чунину чунон аст. Яъне зинокор аст».*[2]

Пас агар дар ҳақиқат рашк дошта бошед, ба шумо лозим аст, ки ҳамсаратонро панду андарз диҳед ва сухани таъсирнок ба ӯ бигуед, то ин либосе, ки андоми занро намудор месозад ба бар накунад ва либосе пушад, ки авратро сатр кунад. Шумо дарислоҳи ҳамсаратон оҳиста-оҳиста қадам ба қадам пеш равед, шояд Худованд (ҷ) ӯро ислоҳ намояд.

Маро маъзур доред, то бигӯям аз аввал хато аз шумост, зеро ихтиёри нодуруст намудед ва касеро ихтиёр намудед, ки андоми худро аз назари мардум намепӯшад. Ва шумо барои ислоҳи ин хатои ҳамсаратон масъул ҳастед. Эй шавҳари мусалмон, аз

---

[1] Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст.

[2] Ин ҳадисро Абӯдовуд ва Тирмизӣ ривоят кардаанд.

даъватгароне ки ба сӯи оташи дӯзах мардумро мехонанд, барҳазар бош. Онҳо ба шумо мегӯянд: зан дар пӯшидани либоси худ озод аст, чи тавре хоҳад мепушад, ин озодии шахсӣ аст. Ба онҳо гуед: озодӣ дар сояи таълимоти Исломи азиз ва пойбанд будан ба манҳаҷи илоҳист. Оё инсон масалан озод аст, ки касеро хоҳад бикушад? Ё озод аст, ки моли касеро ғорат кунад? Бале зан озод аст, лекин дар сояи чанг задан ба қонунҳои Илоҳӣ ва шариъати Ӯ (ҷ) дар рӯи замин ва қонуни Худованд (ҷ) дар бораи занҳо.

Каломи Худованд:

﴿ وَقُل لِّلْمُؤْمِنَٰتِ يَغْضُضْنَ مِنْ أَبْصَٰرِهِنَّ وَيَحْفَظْنَ فُرُوجَهُنَّ وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا ۖ وَلْيَضْرِبْنَ بِخُمُرِهِنَّ عَلَىٰ جُيُوبِهِنَّ ۖ وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا لِبُعُولَتِهِنَّ ﴾ ٣١ النور: ٣١

**«Ва ба занони мӯъмин бигӯ, ки чашмони хеш бибанданд ва шармгоҳи худ нигоҳ доранд ва зинатҳои худро ҷуз он миқдор, ки пайдост, ошкор накунанд ва миқнаъаҳои (рӯймолҳои) худро то гиребон фурӯ гузоранд ва зинатҳои худро ошкор накунанд, ҷуз барои шавҳари худ»**[1]

Ба дурустӣ намоиш додани зан қафаси сина, мӯй ва дастони то китф урёни худро назди ғайри шавҳар, озод будани занро ифода намекунад, балки ин амал зиёнест ба худи зан ва барои дигарон.

## 50.

## Моли хусусӣ ба ҳамсарат бидеҳ, ғайр аз он чи барои манзил талаб мекунад.

Гоҳо ҳамсарат барои харидани чизҳои махсус ба худаш эҳтиёҷ пайдо мекунад, пас набояд барои ҳар як дирҳам ӯро муҳосаба кунед. Ба шумо лозим аст, ки маблағи махсусе ба ӯ диҳед ва аз он ӯро напурсед, бигузор чи гунае, ки мехоҳад онро сарф намояд.

[1] Сураи Нур, ояти 31.

Нисбати ӯ дар молатон бахилӣ накунед, то ки ӯ маҷбур шуда бе иҷозат аз моли шумо бигирад. Ба дурустӣ, бузургтарин мушкилоте ки мумкин аст зан ба он рӯ ба рӯ шавад, ин ҳоҷати ӯ ба мол аст. Пас, бар ҳазар бош аз ин ки ҳамсарат ниёз ба мол дошта бошаду ба ӯ надиҳӣ. Бояд огоҳ бошед, ки Расули Худо (ҷ) барои зан аз моли шавҳараш, ки бахилу мумсик аст, гирифтанро бе иҷозату огоҳии ӯ иҷозат дода, мубоҳ гардонида аст, лекин ба андозае бояд гирад, ки барои худ ва фарзандонаш кифоя кунад, лекин шавҳари мусалмону мӯъмин ҳамсарашро ба он ҳолат намегузорад, ки маҷбур шуда ин корро анҷом диҳад, пас бар ӯ лозим аст, ки ба ҳамсараш ба қадри ҳоҷаташ ва зиёдтар аз он мол диҳад. Он маблағро масрафҳои шахсӣ номидан мумкин аст. Пас, барои ҳамсарат масрафи шахсӣ бояд бошад ва чи тавре хоҳад, онро сарф намояд, бидуни ин ки ӯро аз он масраф пурсед.

Инчунин барои шумо лозим аст, ки ба фарзандони худ низ аз хурдсолӣ масрафи шахсӣ диҳед, барои ҳар як аз онҳо, гарчанде он масраф каму ночиз бошад, лекин он барои онҳо зарур ва боаҳамият аст. Ин амал онҳоро ба тарзи ҳифзу нигоҳдошти мол одат мекунонад ва қимати онро мешиносанд, чун ҳар вақте ҳоҷате пайдо намуданд ба он моли худ иктифо мекунанд. Агар аз модари худ пурсанд, шояд он ниёзи онҳоро ҳозир карда натавонад ва гӯяд, ки маблағашон нокофист.

## 51.

## Аз неъмати фаромӯшӣ баҳра бибар!

Оё дар баъзе вақтҳо эҳсос мекунед, ки фаромӯшӣ неъмати бузургест, ки Худованд онро барои инсон арзонӣ доштааст?! Агар ин неъматро Худованд барои мо ато намекард, ҳаёти мо монанди зиндоне мешуд, ки зиндагӣ бароямон номумкин мегашт.

Зеро инсон аз роҳи фаромӯш намудан бисёр ҳодисаҳои аламовар ва мусибатҳои сахтро аз зеҳнаш дур месозад. Агар чунин намебуд инсон ба ин шакл азоб мекашид ва роҳи халосӣ намеёфт.

Бисёри мардум ин неъматро нодида мегиранд ва қадри онро намедонанд ва ҳамеша ғаму андӯҳ ва мусибатҳоро ба ёд меоранд.

Баъзе шавҳарҳо доиман камбудию норасиҳо ҳамсарашонро ба ёд оварда, онро фаромўш намесозанд, аз ин ҷост, ки ҳамеша занашро ба он хотиррасон мекунад. Ҳар вақте ҳамсараш хатое содир кунад, ба ў мегўяд: оё фалон рўз чунину чунон накарда будӣ... ва пайваста камбудию ғалатҳои ўро мешуморад ва бо ин роҳ ғаму андўҳи зиёдеро ҷамъ мекунад.

Ба дурустӣ Исломи бузург моро таълим додааст, ки аз хатои бародари мусалмонамон бигузарем, пас чӣ гуна аз хатои ҳамсарамон нагузарем? Моро таълим додааст, ки ба душманонамон бо хислате ки беҳтарин аст, ҷавоб диҳем, пас чигуна ба дўстонамон ин гуна рафтор накунем?

Каломи Худованд:

﴿ ٱدۡفَعۡ بِٱلَّتِي هِيَ أَحۡسَنُ فَإِذَا ٱلَّذِي بَيۡنَكَ وَبَيۡنَهُۥ عَدَٰوَةٞ كَأَنَّهُۥ وَلِيٌّ حَمِيمٞ ﴿٣٤﴾ ﴾

فصلت: ٣٤

**«Ҳамеша ба некўтарин тарзе посух деҳ, то касе, ки миёни туву ў душманӣ аст, чун дўсти меҳрубони ту гардад».**[1]

Паёмбар (с) низ бо баъзе мушкилиҳо аз тарафи ҳамсаронаш, дар натиҷаи рашк нисбати ҳамдигарашон, рў ба рў шуда буд, ва бо онҳо бо раҳму меҳрубонӣ муъомала кард. Ба ҳар як гуноҳи хурду бузург онҳоро муохоза намекард, балки аз хатои эшон мегузашт ва онҳоро мебахшид. Ин аст ахлоқи шавҳари солеҳу накукор.

## 52.

## Дар охир аз ҳамсарат интизори мўъҷиза мабош!

Ҳамчун инсон ҳамаи мо аз аҷзу нотавонӣ холӣ нестем. Ҳаёт ба сифати умум ва ҳаёти заношавҳарӣ бо сифати хос аз ташвишу камбудиҳо ва нофаҳмиҳо орӣ нест.

Ҳамсар монанди дигар занҳо дорои сифат ва хислатҳост, ки ҳарчанд барои тағйир додани онҳо бикўшед, наметавонед. Ў бо ин сифатҳое ки ҳамчун зан ўро мутамайиз месозад, маҷмўъаи дигаре

---

[1] Сураи Фуссилат, ояи 34.

аз сифат аст, ғайр аз мард ва он навъи муҳим ва зарурӣ барои ҳаёт ва идомаи он аст. Агар монанди мард аз ноҳияи нафсию мизоҷӣ ва инфиолӣ баробар офарида мешуд, зебоии ҳаёт ва сурури он аз даст мерафт. Бале, гоҳо сабаби ташвишу камбудӣ мегардад, боке надорад, тавре ки мегӯянд: ширинӣ бе оташ ёфт намешавад. Шояд ҳамсарат дорои сифатҳои муайян бошад, ки бо он одат кардааст ё бо он офарида шудааст, онро бе тағйир ҳамчуноне, ки ҳаст қабул намо ва мунтазир набош, ки ҳамсарат пурра зидди он сифатҳо мегардад ё ба тамом сифатҳояшро тағйир медиҳад. Ба шумо лозим аст як амри муҳимро донед ва он ин аст, ки дигаргун сохтани сифат ва табиъати инсон кори осон нест.

Ин бори гарони тағйир додани ҳамсаратро ба дӯш нагир, то ӯро шахси дигар сохта муносиби худ гардонед ва ё чи гуна, ки хоҳед ӯро шакл диҳед, зеро агар шумо ин бори гаронро ба дӯш гиред, ҳамеша он ба дӯши шумо хоҳад буд, шояд тамоми ҳаёт идома ёбад ва чизе ҷуз хаста намудани нафси худ ва дигарон фоида набинед. Мо аз сифат ва хусусиятҳо сухан гуфта истодаем, на аз рафторҳои ғалат. Мусалмон бояд ғайри худро насиҳат кунад, то аз гуноҳу хатокорӣ манъ шавад ва шавҳар ҳаргиз аз насиҳати ҳамсараш ва иршоди ӯ дар тоъату ибодати илоҳӣ малол нашавад. Аммо, ин ки доимо тағйир додани сифат ва табиъати ӯро талаб намоед, ин амрест дастнорас.

Чун (яке аз таҳқиқгарон) муддати зиёда аз бист сол мушкилоти нафсиро, ки мардум, хусусан заношавҳарон, гирифтор мешаванд, мавриди омӯзиш қарор дод. Баъд аз он нуқтаи муҳиммеро дар китобаш «Аз ҳаёт баҳра бибар» нақл намуда. гуфтааст: «Ба дурустӣ мӯъҷизаҳо нодир ҳастанд ва ҳеҷ умеде аз вуқӯъи он нест ва ҳеҷ асосе барои аламе ки шумо эҳсос мекунед вуҷуд надорад, зеро мӯъҷизае, ки шумо интизори он ҳастед, ба вуқуъ нахоҳад пайваст. Аз ин ҷост, ки ба шумо лозим меояд, ки бо шарики ҳаёти худ ҳамчуноне ки ҳаст, назар кунед, на чуноне, ки шумо мехоҳед бошад.

Издивоҷи комёб ҳодисае нест, ки воқеъ шавад ё насибае бошад, ки ризқи шумо шавад, балки он амалест, ки барои анҷоми он муддатҳо сарф мекунед, то самара бахшад ва ҳосиле ширинтар аз ҳосили издивоҷи комёб вуҷуд надорад».

Шумо мумкин аст, ки дар ҳаёти заношавҳариатон хушбахт шавед, агар аз сифати ҳамсарат, ки хушатон намеояд ва дар ҳаёти заношавҳариатон таъсири калон надорад, ташвиш надошта бошед. Аз он гуна сифати ҳамсарат чашм бипӯш ва дар сифати неки ӯ ва хислатҳои наҷиби ӯ фикр кун… ҳаёти заношавҳариатро хеле осуда ва босаъодат хоҳӣ ёфт.

# Феҳрист


Пешгуфтор ........................................................................................3

1. Барои ҳамсарат худро зинат бидеҳ. ..............................................5
2. Лутфу меҳрубонӣ ва ҳазл намудан бо зан.......................................7
3. Бо занон раҳмдил бошед.....................................................................8
4. Ба ҳамсарат фурсат бидеҳ, то бо ту сухан гӯяд. .............................9
5. Бо номҳои нек нидояш кун!.............................................................10
6. Аз ташвишҳои равонӣ ва нафсонӣ барҳазар бош!........................11
7. Ҳамсарат ҳамроҳи ту эҳсоси амну оромӣ кунад...........................12
8. Аз ҳадяҳои хушҳолкунанда истифода бар!...................................14
9. Бо табассум ва хушҳолӣ ба ҳавлӣ даромадан. ..............................14
10. Бо лутфу меҳрубонӣ сухан гӯед......................................................15
11. Дар он мавзӯъе, ки ҳамсаратро хушҳол мекунад, сухан бигу. ....16
12. Ҳамсаратро назди аҳли оилааш ва аҳли оилаи худ ситоиш намо! ...........................................................................................................17
13. Бо ҳамсарат хӯшгуфтор бош!.........................................................18
14. Усули муҳаббат байни шумо............................................................20
15. Зиндагиро хуш гузарон.....................................................................21
16. Айбҳои ҳамсаратро бипазир.............................................................22
17. Аз мунокиша дар корҳои ночиз барҳазар бош...............................24
18. Дар корҳои хона ба ҳамсарат ёрӣ расон..........................................25
19. Дар ҳиссиёти худ бахил мабош.........................................................25
20. Нуқта назари ҳамсаратро эҳтиром кунд...........................................27
21. Нисбати ҳамсарат гумони нек дошта бош!.......................................29
22. Ба ҳамсарат ҳамчун ҳамсари намунавӣ назар намо! .....................30
23. Ба ҳамсарат дар рушди истеъдоду тавонмандиҳояш кӯмак расон ...........................................................................................................31
24. Ҳассосияти ҳамсаратро дар ҳоли бордорӣ ва давраи моҳона (ҳайз) риъоя намо. ...........................................................................................33
25. Кӯмак намудан ба зан дар тарбияи фарзандон. .............................34
26. Эҳтиром ва некӯӣ кардан бо хешу табори ҳамсар ва манъ нанамудани ӯ аз зиёрати онҳо.........................................................35
27. Ҳамроҳӣ дар сари дастархон. ..........................................................36
28. Ҳамсаратро мадҳу ситоиш намо. ....................................................37
29. Рози ҳамсаратро пӯшида дор............................................................38
30. Ҳуқуқи ҳамсаратро ҳифз намуда, онро зоеъ магардон. .................39
31. Байни ҳамсаронат адл кун. ..............................................................40

32. Бо ҳамсарат хушмуомила бош. ........................................................ 41
33. Чӣ гуна ўро ҳамсари муносиб мегардонӣ? .................................. 43
34. Дар тоъату ибодат ёвари ҳам бошед. ......................................... 44
35. Аз хона фирор нанамо. ................................................................ 46
36. Ба гузашта салавот. ..................................................................... 47
37. Нагузор касе дар ҳаёти заношавҳарии шумо дахолат кунад. 48
38. Аз издивоҷи ғалат барҳазар бош. ............................................... 49
39. Ба саломатии ҳамсарат аҳаммияти ҷиддӣ бидеҳ. ........................ 51
40. Дар хурсандиҳо ўро шарик бисоз. .............................................. 51
41. Дар ҳоли сафар намудан ба ў нома навис ва аз ҳолаш бипурс. ... 52
42. Талабҳоятро равшан намо ва саросема мабош. ............................ 53
43. Дар ҳоли рашк намуданаш ўро риъоя намо ва маъзур дор. ..................................................................................................... 54
44. Дар вақти мусибат ва ҳодисаҳо ҳамроҳи ҳамсарат бош. ............. 56
45. Пайравӣ намудан аз таълими Ислом ҳангоми рўй гардондани ҳамсар. ...................................................................................... 57
46. Худро ҳамеша ҳақ машумор. ...................................................... 59
47. Пайравӣ намудан аз таълими Ислом дар вақти ҳамхоба шудан бо ҳамсар. ...................................................................................... 60
48. Аз алоқаи ҷинсӣ намудан дар ҳоли ҳайз ё дар қафои зан бипарҳез. .................................................................................... 62
49. Ҳамсаратро аз назари шайтонҳои инсӣ нигоҳ дор. ..................... 64
50. Моли хусусӣ ба ҳамсарат бидеҳ, ғайр аз он чи барои манзил талаб мекунад. .................................................................................. 65
51. Аз неъмати фаромўшӣ баҳра бибар. ........................................... 66
52. Дар охир... Аз ҳамсарат интизори мўъҷиза мабош. ..................... 67

Феҳрист ............................................................................................ 69

## КИТОБҲОЕ, КИ АЗ ТАРҶУМОНИ ИН КИТОБ ТО БА ҲОЛ БАРГАРДОН, ТАРҶУМА ВА ТАҲИЯ ШУДААСТ:

1 Ҳазор ҳикмат;
2 Лаънатшудагон дар ҳадисҳои набавӣ;
3 Саду як қисса аз ҳаёти Абубакри Сиддиқ (р);
4 Саду як қисса аз ҳаёти Умар (р);
5 Таърихи хулафои рошидин: Абубакр (р) ва Умар (р);
6 Таърихи хулафои рошидин: Усмон (р) ва Алӣ (р);
7 Аниси занҳои покдоман;
8 Оиша - пешвои бонувони мўъмин ва дўстдоштатарин ҳамсари паёмбари оламин;
9 Одоб ва хусусиятҳои моҳи Рамазон;
10 Моҳи Рамазон, истиқбол ва зиндадошти он;
11 Фазилати шаби Қадр ва даҳаи охири моҳи Рамазон;
12 Панҷоҳ амале, ки шариъат занонро аз он боз медорад;
13 Бонувони хонадони нубувват;
14 Тафсири мухтасари хатлонӣ дар се ҷилд.
15 Даҳ ёри биҳиштӣ
16 Бисту панҷ суол аз неъмат ва азоби қабр
17 Чӣ бояд кард, то ҳамсарат туро дўст дорад?

## Ҳадафи Бунёди ҷамъиятии «Васатият»

Бунёди ҷамъиятии «Васатият» мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба роҳ монда, ҳадафҳои асосии он иборатанд аз:

- Баланд бардоштани савияӣ илмию фарҳангии миллати тоҷик;
- Таҳқиқ ва пажуҳиши таърих ва тамаддуни шарқӣ бо услубҳои тоза ва замонавӣ;
- Расонидани аҳкоми дини мубини Ислом тавассути китобҳои пурмуҳтаво ва асил дар партави Қуръону Суннат ва тибқи мазҳаби Имоми Аъзам Абуҳанифа (р);
- Муттаҳидсозии тамоми мардуми Тоҷикистони азиз новобаста аз миллату нажод дар атрофи қонун ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Хидмати содиқона ба давлат ва миллати куҳанбунёд ва зиддият бо ҳар гуна ихтилоф ва зуҳуроти номатлуб;
- Нашри китобҳои асилу нобе, ки аз гузаштагони солеҳамон ба мо расидааст.

Албатта имони комил ва яқин дорем, ки бо ёрии Худованд ба ин ҳадафҳо муваффақ хоҳем шуд. Аз ин хотир ҳамагонро ба хондани чунин китобҳо тавсия менамоем, то аз ҳар гуна инҳирофот ва каҷравӣ солим бошем ва обрӯю эътибори миллати азизамонро ҳифз намуда, парчами давлати соҳибистиқлоламонро боз ҳам баландтар бардорем.

**Раёсати Бунёди ҷамъиятии «Васатият»**

## Варақаи иртибот байни хонанда ва ношир

Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу. Хонандаи гиромӣ, хоҳишмандем саволномаи зеринро бо ҷавобҳои дақиқ пур созед. Ин саҳифаро бурида ба нишонии электронии мо ирсол намоед ва як китоби тоза ба нашррасидаи моро ройгон дарёфт хоед кард.

Ному насаб: ______________________________
Вазифа: ________________________________
Маълумот: ______________________________
Суроға: ________________________________
Телефон: _______________________________
e-mail: _________________________________

**- Дар бораи ин китоб** ___________________________
(номи китоб)
**аз куҷо хабардор шудед?**
а) аз китобхона □
б) аз рафиқон □
в) аз эълону реклама □
г) аз намоишгоҳ □
**- Ин китобро аз куҷо харидед?**
Номи китобхона, намоишгоҳ ё фурӯшгоҳ_________________
Назари шумо дар бораи услуби китоб
а) оддӣ □
б) хуб □
в) олӣ □
(лутфан тавзеҳ бидиҳед, барои чӣ?)____________________
__________________________________________________
**- Назари шумо дар бораи сифати китоб:**
а) оддӣ □
б) хуб □
в) олӣ □
(лутфан тавзеҳ бидиҳед, барои чӣ?)____________________
__________________________________________________
**- Назари шумо дар бораи нархи китоб:**
а) арзон □
б) муносиб □
в) гарон □
(лутфан тавзеҳ бидиҳед, барои чӣ?)____________________
__________________________________________________

**- Дар оянда дар кадом мавзӯъҳо китоб хондан мехоҳед?**

________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
____________________________________________________

Ин китоб шояд аз хатогиҳои лафзию техникӣ орӣ набошад. Агар шумо дар он саҳву хатое мушоҳида намудед, лутфан дар ҷадвали зерин қайд намоед. Назари шуморо ҳатман дар чопҳои оянда ба инобат хоҳем гирифт.

| Сатр ва рақами саҳифа | хато | дуруст |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |

Почтаи электронӣ:
wasatiyat@mail.ru
fund-wasatiyat@yandex.ru
Quron- khatloni@yandex.ru
iqbolkawthar@hotmail.com

Дар сурати дастрасӣ надоштан ба интернет
бо телефони **227-04-98** тамос бигиред.

Аз мукотиба ва ҳамкориатон миннатдорем.

Идораи Бунёди ҷамъиятии «Васатият»

# كيف تجعل زوجتك تحبك

٥٢ طريقة تزيد من محبة الزوج لزوجة في ضوء القرآن الكريم و السنة الصحيحة